Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 37 - 38 (4620 - 4621) | ЧОРШАНБЕ, 15 МАРТИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## БА ИМЗО РАСИДАНИ ЯК ҚАТОР ҚОНУНҲО АЗ ҶОНИБИ ПРЕЗИДЕНТИ МАМЛАКАТ

**Понздаҳуми марти соли ҷорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба якчанд қонунҳо имзо гузоштанд.**

Қонунҳо «Дар бораи хариди давлатӣ», «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ», ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳо оид ба ҳимояи рақобат, санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Қонунҳои қабулгардида ба рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, соҳибкорӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, пешгирии ҷинояткорӣ, рушди ҳуҷҷатҳои электронӣ, бунёди ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум равона шудаанд.

Қонунҳо дар матбуот интишор мешаванд.

**www.president.tj**

## ҚАРОРИ
### МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи ба категорияи деҳа мансуб донистани маҳали аҳолинишини деҳоти ба номи Ҷомии ноҳияи Зафарободи вилояти Суғд ва номгузорӣ намудани он**

Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаҳои 6, 9, 17 ва 19 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Маҳали аҳолинишини деҳоти ба номи Ҷомии ноҳияи Зафарободи вилояти Суғд ба категорияи деҳа мансуб дониста, Заррез номгузорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 марти соли 2023, № 375**

## ҚАРОРИ
### МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Саидзода М. М.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Саидзода Маҳмадисо Мурод бо сабаби расидан ба синни ниҳоии дар вазифаи судя будан аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 марти соли 2023, № 376**

## ҚАРОРИ
### МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Қуватзода Т. Д.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қуватзода Турон Давлат бо сабаби расидан ба синни ниҳоии дар вазифаи судя будан аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 марти соли 2023, № 377**

## ҚАРОРИ
### МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Ҷалилзода Х. Р.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Ҷалилзода Хусрав Раҷабалӣ судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 марти соли 2023, № 378**

## ҚАРОРИ
### МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи додани ризоият барои аз вазифаи муовини якуми Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Ҳикматуллозода А.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Барои аз вазифаи муовини якуми Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Ҳикматуллозода Абдуғаффор бо сабаби ба кори дигар гузаштан ризоият дода шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 марти соли 2023, № 379**



## ДАР ШӮРОИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Понздаҳуми марти соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Ба рӯзномаи ҷаласа масъалаҳои зерин дохил буданд: «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамоку», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба категорияи деҳа мансуб донистани маҳали аҳолинишини деҳоти ба номи Ҷомии ноҳияи Зафарободи вилояти Суғд ва номгузорӣ намудани он», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Саидзода М.М.», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Қуватзода Т.Д.», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Ҷалилзода Х.Р.», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи додани ризоият барои аз вазифаи муовини якуми Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Ҳикматуллозода А.», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ҳисоботи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз мӯҳлат қатъ намудани ваколати узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳакимзода Қ.», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология бозхонд намудани Ҳакимзода Қ.», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи Иҷлосияи сенздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум».

Масъалаҳои рӯзномаро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ, раисони кумитаҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Дилшод Раҳмон, оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи сиҳатӣ, илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонону занон Маҳмадшоҳ Гулзода, оид ба иқтисодиёту коммуникатсия Шарифҷон Ҷумъазода, оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ Фарҳод Раҳимӣ, Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ – Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода ва Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Раҳмон шарҳу тавзеҳ доданд.

Шӯрои Маҷлиси миллӣ масъалаҳои рӯзномаро барои баррасӣ ба Иҷлосияи сенздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод кард. Шӯрои Маҷлиси миллӣ, ҳамчунин «Дар бораи рӯзномаи Иҷлосияи сенздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул намуд.

**Хӯҷаназари АМИНИЁН,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум

## 26-УМИ СЕНТЯБР РӮЗИ МАҶЛИСИ ОЛӢ МУАЙЯН ШУД

**Понздаҳуми марти соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**



**РАИС: - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 56 вакил ҳузур доранд.

Ба кори ҷаласа шурӯъ менамоем.

Мутобиқи моддаи 34 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ҷаласаи навбатии Иҷлосияи чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза мушовири бахши ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ Сайфиддин Сироҷзода, вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**Вакилони арҷманд!**

Ба рӯзномаи ҷаласа ду масъала пешниҳод шудааст.

Доир ба он таклифу пешниҳоди дигар доред? Нест.

Лоиҳаи қарорро ба овоз монда, хоҳишмандам мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. «Дар хусуси Созишномаи маблағгузорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди байналмилалии рушди кишоварзӣ оид ба лоиҳаи «Дастгирии соҳаи кишоварзӣ дар заминаи ҷомеа + (ЛДСК+)»**

**2. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид».**

**РАИС: -** Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем.

Аз рӯи масъала «Дар хусуси Созишномаи маблағгузорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди байналмилалии рушди кишоварзӣ оид ба лоиҳаи «Дастгирии соҳаи кишоварзӣ дар заминаи ҷомеа + (ЛДСК+)» сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Бо мақсади тақвият бахшидани амнияти озуқаврии мамлакат, тадриҷан кам намудани осебпазирии аҳолӣ нисбат ба тағйирёбии иқлим, ҷорӣ намудани усулҳои муосири истеҳсолоти кишоварзии ба иқлим мутобиқ ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии Ҷамоат ва хонаводаҳое, ки аз тағйирёбии иқлим зарар мебинанд, Созишномаи маблағгузорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди байналмилалии рушди кишоварзӣ оид ба лоиҳаи «Дастгирии соҳаи кишоварзӣ дар заминаи ҷомеа + (ЛДСК +)» ба имзо расид, ки айни ҳол ба баррасии шумо пешниҳод мегардад.

**(Давомаш дар саҳ. 5)**

Иҷлосияи сенздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум





# АЗ ҶОНИБДОРИИ ҚОНУНҲО ТО ҲИСОБОТИ ПРОКУРОРИ ГЕНЕРАЛӢ

**Понздаҳуми марти соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ Иҷлосияи сенздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Барои бақайдгирӣ аз тариқи системаи овоздиҳии электронӣ аз қайд гузаред. Марҳамат.



Дар иҷлосия 29 нафар аъзои Маҷлиси миллӣ иштирок доранд. Инчунин, муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раисони Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ, раиси Палатаи ҳисоб, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, раиси Бонки миллии Тоҷикистон ва намояндагони воситаҳои ахбори омма дар толор ҳозир мебошанд.

Оид ба оғози кори иҷлосия чӣ гуна таклиф ҳаст?

Таклиф шуд, ки иҷлосия корашро оғоз намояд.

Таклифро ба овоз мемонам ва аз аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳиш менамоям, ки мавқеатонро аз тариқи овоздиҳии электронӣ муайян созед. Марҳамат.

Ташаккур, *таклиф қабул шуд.*

Иҷлосияи сенздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

*(Суруди Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо медиҳад)*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Барои ташкили ҷараёни кори иҷлосия лозим аст, ки мутобиқи банди 102-юми Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби кори Иҷлосияи сенздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро муайян ва тасдиқ намоем.

Бо назардошти масъалаҳои дар рӯзнома пешбинишуда пешниҳод менамоям, ки барои маърӯзачиён то 30 дақиқа, музокираҳо то 5 дақиқа ва барои дархосту таклифҳо то 3 дақиқа вақт муайян карда шавад.

Пешниҳоди дигар ҳаст? Нест.

Пешниҳодро ба овоз мемонам. Марҳамат.

Ташаккур, *пешниҳод қабул гардид.*

**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Мутобиқи банди 102-юми Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лозим аст, ки Котиботи иҷлосияро интихоб намоем. Оид ба ин масъала сухан ба узви Маҷлиси миллӣ Одиназода Бозоралӣ дода мешавад. Марҳамат.

*(Одиназода Бозоралӣ пешниҳод менамояд, ки ҳайати Котибот иборат аз се нафар интихоб карда шавад).*

**РАИС: Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Таклиф шуд, ки Котиботи Иҷлосияи сенздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум иборат аз се нафар интихоб карда шавад.

Таклифҳои дигар ҳаст? Нест.

Шумораи ҳайати Котиботро ба овоз мемонам ва аз аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳиш менамоям, ки мавқеатонро муайян созед. Марҳамат.

Ташаккур, *таклиф қабул гардид.*

Марҳамат, Одиназода Бозоралӣ ҳайати Котиботро пешниҳод намоед.

**Бозоралӣ ОДИНАЗОДА**: - Ба ҳайати Котиботи Иҷлосияи сенздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум аъзои зерини Маҷлиси миллӣ пешниҳод карда шуданд:

Абдураҳмонзода Саидбурҳон – раиси Котибот

Қонунзода Шодигул ва Исматзода Азизулло - аъзои Котибот.

**РАИС: -** Оид ба ҳайати Котибот таклифҳои дигар ҳаст? Нест.

Лоиҳаи қарорро ба овоз мемонам ва аз аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳиш менамоям, ки мавқеатонро муайян намоед. Марҳамат.

Ташаккур, *қарор қабул гардид.*

Аз ҳайати Котибот хоҳиш карда мешавад, ки ба ҷойҳои худ гузашта, ба кор шурӯъ намоянд.

**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Лозим аст, ки рӯзномаи Иҷлосияи сенздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро тасдиқ намоем.

Лоиҳаи рӯзномаи Иҷлосияи сенздаҳуми Маҷлиси милли Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум бо қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва барои баррасӣ ба шумо пешниҳод шудааст.

Оид ба масъалаҳои он таклифҳои дигар ҳаст? Нест.

Лоиҳаи қарорро ба овоз мемонам ва ба хоҳиш менамоям, ки мавқеатонро муайян намоед.

*Қарор дар бораи рӯзномаи Иҷлосияи сенздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум қабул гардида, ба он масъалаҳои зерин ворид гардиданд:*

**1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом»**

**3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ»**

**5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамоку»**

**7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ»**

**8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат»**

**10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор»**

**11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»**

**12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ»**

**13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ»**

**14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ»**

**15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ»**

**16. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ»**

**17. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ»**

**18. Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба категорияи деҳа мансуб донистани маҳали аҳолинишини деҳоти ба номи Ҷомии ноҳияи Зафарободи вилояти Суғд ва номгузории он»**

**19. Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Саидзода М.М.»**

**20. Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Қуватзода Т.Д.»**

**21. Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Ҷалилзода Х.Р.»**

**22. Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи додани ризоият барои аз вазифаи муовини якуми Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Ҳикматуллозода А.»**

**23. Ҳисоботи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022»**

**24. Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз мӯҳлат қатъ намудани ваколати узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳакимзода Қ.»**

**25. Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология бозхонд намудани Ҳакимзода Қ.».**

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи масъалаи якуми рӯзнома - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем.

Сухан аз рӯи ин масъала ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Раҳмон Дилшод дода мешавад. Марҳамат.

**Дилшод РАҲМОН:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро, ки аз тарафи гурӯҳи вакилони Маҷлиси намояндагон пешниҳод гардида, онро 7 – уми декабри соли 2022 Маҷлиси намояндагон қабул кардааст, баррасӣ намуд.

Мақсади қонуни мазкур муқаррар намудани заминаҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, тартибу ҳолатҳои татбиқи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне масунияти судӣ, масуният нисбат ба чораҳои таъмини даъво ва иҷрои ҳалномаи суд буда, он 6 боб ва 21 моддаро дар бар гирифтааст.

Бобҳои 1-2 бо фарогирии (моддаҳои 1-7) меъёрҳо роҷеъ ба муқарраротиумумӣ бо шарҳи 9 мафҳуми асосӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мазкур, масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ, имтиёз ва масуният, ки қонуни мазкур маҳдуд намекунад, имконияти татбиқи принсипи мутақобила, ки дар асоси хулосаи Вазорати корҳои хориҷӣ сурат мегирад, ҳолатҳои розигии давлати хориҷӣ барои амалисозии юрисдиксия аз ҷониби суди Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла бозхонди розигӣ ҳангоми ҷой доштани созишномаи бо тарафи баҳс басташуда, инчунин даст кашидан аз масунияти судӣ, яъне аз ҷониби давлати хориҷӣ пешниҳод намудани даъво, ворид шудан ба сифати иштирокчии парванда ё иҷрои амалҳои дигар оид ба моҳияти баҳс пешбинӣ шудаанд.

Дар боби 3 (моддаҳои 8-13) муқаррарот доир ба татбиқ нагардидани масунияти судӣ нисбат ба баҳсҳои алоқаманд бо иштироки давлати хориҷӣ дар аҳдҳои ҳуқуқии маданӣ, амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ ё фаъолияти дигари иқтисодӣ (ба шарте агар баҳс ба амалисозии ваколатҳои мустақили ҳокимият аз ҷониби давлати хориҷӣ алоқаманд набошад), нисбат ба баҳсҳои вобаста ба иштирок дар ширкатҳо, ассотсиатсияҳо ва шахсони ҳуқуқии дигар (агар дар созишнома ё ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ё мувофиқаи хаттии тарафҳо тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад), нисбат ба баҳсҳои вобаста ба ҳуқуқи моликият (ба истиснои панҷ ҳолат), истифодаи воситаҳои нақлиёти обӣ, ҷуброни зарар ва баҳсҳои меҳнатӣ (ба истиснои панҷ ҳолат) оварда шудаанд.

Мавзӯи боби 4 (моддаҳои 14-15) аз масунияти давлати хориҷӣ нисбат ба чораҳои таъмини даъво ва иҷрои ҳалномаи суд иборат буда, тибқи он масуният аз рӯи муқарраротимазкур дар се ҳолат истисно гардида, моддаи 15 доираи 5 намуд молу мулкро номбар кардааст, ки вобаста ба чораҳои таъмини даъво ва иҷрои ҳалномаи суд ба масуният фаро гирифта мешаванд.

Меъёрҳои бобҳои 5-6 (моддаҳои 16-21) муқарраротро роҷеъ ба мурофиаи судӣ оид ба парвандаҳо бо иштироки давлати хориҷӣ, ки тибқи қонунгузорӣ ва шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон анҷом дода мешавад, тартиби ба давлати хориҷӣ супоридани огоҳнома оид ба муҳокимаи судӣ, шартҳои қабули ҳалномаи ғоибона, имконияти татбиқ намудани қонуни мазкур нисбат ба муносибатҳои ҳуқуқии то мавриди амал қарор дода шудани он пайдошуда, инчунин масъалаҳои ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи қонуни мазкур ва мавриди амал қарор гирифтани онро пешбинӣ кардаанд.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, барои бо тартиби муайян истифода намудани масунияти юрисдиксионӣ мусоидат карда, он имтиёз ва масуниятҳоеро, ки санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ нисбат ба намояндагиҳои дипломатӣ, муассисаҳои консулӣ, миссияҳои махсус, намояндагиҳо дар назди ташкилотҳои байналмилалӣ, инчунин ба роҳбарони давлатҳо, ҳукуматҳо ё роҳбарони мақомоти корҳои хориҷии давлатҳои хориҷӣ муқаррар кардаанд, маҳдуд намекунад. Аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, бо эҳтиром хоҳиш дорам, ки он ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» оғоз мекунем. Сухан ба Раҳмон Дилшод дода мешавад.

**Дилшод РАҲМОН:**



**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Мақсади Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом», ки дар заминаи иҷрои Нақшаи тасдиқнамудаи Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4- уми апрели соли 2019 ва тавсияҳои Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявии мубориза бар зидди пулшӯӣ (ФАТФ) аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро 18- уми январи соли 2023 Маҷлиси намояндагон қабул кардааст, баланд бардоштани самаранокии низоми муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом буда, асосҳои ҳуқуқию ташкилии пешгирӣ ва муқовиматро бо фарогирии 9 боб ва 43 модда муайян намудааст.

Дар бобҳои 1-2 (моддаҳои 1-5) шарҳи 31 мафҳуми асосӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом, инчунин доираи амали қонун нисбат ба шахсони воқеиву ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ, инчунин, таъсиси комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ - ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар самти мазкур ифода гардида, тартиби пешбурди маълумоти оморӣ, ки фарогири 7 гурӯҳи иттилоот мебошад, муайян карда шудаанд.

Моддаҳои 6-22, ки дар боби 3 оварда шудаанд, бо мақсади пешгирӣ, ошкор намудан ва роҳ надодан ба амалҳое, ки бо қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом алоқаманд мебошанд, 15 субъекти ҳисоботдиҳандаро бо муайян намудани уҳдадориҳо ва чораҳои аз ҷониби онҳо амалишаванда, аз ҷумла нисбат ба муштариён, се шарт барои татбиқи чораҳои содашудаи санҷиши дахлдори муштарӣ, истифодаи қатъии санҷиши муштариён ва амалиёте, ки хавфи баланди қонунигардониро доранд, ошкор намудани шахсони мансабдори оммавӣ аз байни муштариён ва молик-бенефитсиарҳо ва нисбат ба онҳо татбиқ намудани низоми идоракунии хавфҳо, нисбат ба шахсони аз кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд татбиқ намудани чораҳои қатъии санҷиши дахлдор ва чораҳои дигари ба хавфҳо мувофиқ ва дар муҳлати на камтар аз панҷ сол баъд аз анҷом ёфтани муносибатҳои корӣ бо муштарӣ, баста шудани суратҳисоб ё анҷом додани аҳди якдафъаина нигоҳдории маълумоту ҳуҷҷатҳоро муайян намудаанд. Зимнан, тартиби ташаккул ва интишори феҳристи кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд, инчунин чораҳои нисбат ба онҳо татбиқшаванда аз ҷониби мақоми ваколатдор муайян мешавад.

Ҳамзамон, дар боби мазкур муқаррарот вобаста ба уҳдадории субъектҳои ҳисоботдиҳанда дар бораи фавран ба мақоми ваколатдор хабар додан оид ба ҳама гуна амалиёту аҳди шубҳанок ё кӯшиши анҷом додани чунин аҳд, гузаронидани амалиёти ҳатман назоратшаванда ва тартиби пешниҳоди иттилоот дар бораи онҳо, боздоштани амалиёт, инчунин чор асоси ғайрифаъол намудани амалиёт (аҳд) ва молу мулк (воситаҳо)-и шахсон ва ташкилотҳо, ки ба рӯйхати таҳримҳо ворид шудаанд, пешбинӣ гардида, ҳолатҳои додани иттилоот ба муштариён дар бораи чораҳои татбиқгардида манъ шудааст.

Бобҳои 4 - 6 (моддаҳои 23-34) муносибатҳои вобаста ба барномаҳои назорати дохилӣ дар субъектҳои ҳисоботдиҳанда, филиалҳои хориҷӣ ва корхонаҳо (ҷамъиятҳо)-и фаръии онҳо, аз ҷумла гурӯҳҳои молиявӣ ва гурӯҳҳои ба онҳо монанди субъектҳои ҳисоботдиҳандаро бо муайян намудани талаботи дахлдор, муросилоти бонкӣ ва чораҳои нисбат ба шахсони ҳуқуқӣ ва созмонҳои ҳуқуқии хориҷӣ, сохторҳои ғайритиҷоратӣ, пешгирии интиқоли ғайриқонунии пули нақд ва воситаҳои гардони манзурӣ татбиқшавандаро танзим намуда, вазъи ҳуқуқии мақомоти назоратӣ (Бонки миллӣ, Вазорати адлия, Хадамоти алоқа ва ғайра), вазифаҳо ва ҳуқуқҳои онҳо, муносибати ба хавф нигарондашуда дар фаъолияти назоратӣ, додани дастур, амрнома ва фармоиш (фармон)-ро дар сурати иҷро накардан ё ба таври номатлуб иҷро кардан, қатъ намудани амали ғайриқонунӣ, боздоштан ё қатъи амали иҷозатнома ё ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ муқаррар гардида, дар боби 7 (моддаҳои 35-37) вазифа ва ҳуқуқу уҳдадориҳои мақоми ваколатдори муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад, пешбинӣ шудааст.

Бобҳои 8 ва 9 (моддаҳои 38-43) муносибатҳои роҷеъ ба шаклҳои ҳамкории байналмилалиро дар самти мавзӯи қонун танзим намуда, дар доираи муқаррароти хотимавӣ тартиби мавриди амал қарор додани қонуни мазкур ва аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» аз 25- уми марти соли 2011- ро муайян кардаанст.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, барои ҳимояи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии шахсият, ҷамъият ва давлат, таъмини амнияти миллӣ ва ҳимояи манфиатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд. Аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблаггузории терроризм ва маблаггузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи масъалаи навбатӣ - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз менамоем. Сухан ба Раҳмон Дилшод дода мешавад.

**Дилшод РАҲМОН:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро 21- уми декабри соли 2022 Маҷлиси намояндагон қабул кардааст.

Тибқи қонуни мазкур, қисми 1 моддаи 72 (Манъ кардани воситаи нақлиёт) кодекс бо мақсади мушаххас намудани ваколати Бозрасии ҳарбии автомобилии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, вобаста ба пешбурд ва баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оид ба риоя накардани қоидаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ бо истифодаи нақлиёти ҳарбӣ такмил дода шуда, минбаъд кормандони Бозрасии давлатии автомобилӣ ҳамаи воситаҳои нақлиёт ва кормандони Бозрасии ҳарбии автомобилӣ бошад, танҳо воситаҳои нақлиёти ҳарбиро метавонанд манъ намоянд. Дар робита бо ин, ба қисмҳои 2 ва 3 моддаи мазкури кодекс пас аз калимаҳои «бақайдгирии давлатӣ» калимаҳои «ё ҳарбӣ» илова шудаанд, ки ба аломати бақайдгирии давлатии нақлиёт рабт дорад.

Инчунин, бо дар таҳрири нав ифода ёфтани моддаи 132-и кодекс, номи модда аз комиссариатҳои ҳарбӣ ба Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон иваз гардида, тибқи тасҳеҳи диспозитсияи он минбаъд вазорати мазкур дар доираи ваколатҳояш парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриеро, ки дар моддаҳои 310, 311 қисми 1, 314, 315, 317-326, 330, 331, 333 қисми 2, 335, 336 қисмҳои 1 ва 3, 338, 339 қисми 1, 340-344 ва 346 ва моддаҳои 683-$691^1$ Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд, баррасӣ менамояд.

Дар робита ба ин, ҳуқуқи баррасии парвандаҳо ва таъини ҷазои маъмурӣ оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурии аз тарафи ронандагони воситаҳои нақлиёти ҳарбӣ содиргардидаро, ки дар моддаҳои 310, 311 қисми 1, 314, 315, 317-326, 330, 331, 333 қисми 2, 335, 336 қисмҳои 1 ва 3, 338, 339 қисми 1, 340-344 ва 346 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, сардори Раёсат (шуъба, шуъбачае, ки ба ҳайати Раёсати Бозрасии ҳарбии автомобилии Вазорати мудофиа дохил мешаванд), сардорони Бозрасии ҳарбии автомобилии гарнизонҳо ва комиссарони ҳарбии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва муовинони онҳо оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурие, ки дар моддаҳои 683-$691^1$ кодекси мазкур пешбинӣ шудаанд, доранд.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, барои аз ҷониби мақомоти давлатии марбута татбиқ намудани ваколатҳои дар кодекси мазкур муқарраршуда ва интизоми ҳаракат дар роҳ мусоидат менамояд. Аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, бо эҳтиром хоҳиш дорам, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» шурӯъ мекунем. Сухан аз рӯи ин масъала ба Раҳмон Дилшод дода мешавад.

**Дилшод РАҲМОН:**

- **Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 - уми декабри соли 2021 пешниҳод гардида, онро 21- уми декабри соли 2022 Маҷлиси намояндагон қабул кардааст.

Мақсади қонуни мазкур мусоидат ба рушди соҳибкорӣ тавассути сода гардонидани бақайдгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ буда, бо ин васила ба моддаи 4 қонуни амалкунанда ворид намудани як қатор тағйиру иловаҳо пешбинӣ шудааст, ки тибқи он ба аризадиҳанда имкон дода шудааст,

# АЗ ҶОНИБДОРИИ ҚОНУНҲО ТО ҲИСОБОТИ ПРОКУРОРИ ГЕНЕРАЛӢ

ки ҳуҷҷатҳоро барои бақайдгирии давлатӣ дар шакли коғазӣ ё электронӣ манзур намояд ва мақомоти дахлдори давлатӣ ҷиҳати дар шакли электронӣ анҷом додани бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродӣ, филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ маълумоти заруриро тавассути низоми ҳамгироии иттилоотии андоз дар реҷаи мустақим пешниҳод менамоянд. Тартиб ва шакли пешниҳоди маълумот аз ҷониби мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ дар мувофиқа бо мақомоти дахлдори давлатӣ муайян мешаванд.

Инчунин, бо мақсади боз ҳам сарфа намудани вақти субъектҳои соҳибкорӣ тасҳеҳоти мӯҳлати бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ аз панҷ рӯзи корӣ ба 24 соат, додани нусхаи Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ аз ду рӯзи корӣ ба 24 соат, пешниҳоди қарори муассис барои бақайдгирии давлатии бархамдиҳии шахси ҳуқуқӣ ва бақайдгирии давлатии бархамдиҳӣ мувофиқан аз се рӯзи корӣ ба 10 рӯз ва аз панҷ рӯзи корӣ ба 24 соат, бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ аз се рӯзи корӣ ба 24 соат, пешниҳоди нусхаи гувоҳномаи иқомати шахси воқеии хориҷӣ, ки ба ӯ барои сукунат ва амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шудааст, аз шаш моҳ ба се моҳ, додани нусхаи Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ аз ду рӯзи корӣ ба 24 соат, бақайдгирии давлатии қатъ гардидани фаъолияти шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ, аз ҷумла дар асоси қарори суд ё санади эътибори қонунӣ пайдонамудаи суд дар бораи маҳрум намудан аз ҳуқуқи машғул шудан ба намудҳои алоҳидаи фаъолияти соҳибкорӣ мувофиқан аз се ва ду рӯзи корӣ ба 24 соат, ворид намудани тағйирот ба Феҳристи ягонаи давлатӣ ва додани иқтибос, инчунин пешниҳоди қарори муассисон, мақомоти ваколатдори шахси ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ дар бораи тағйир ёфтани маълумот мувофиқан аз ду рӯзи корӣ ба 24 соат ва аз панҷ ба даҳ рӯзи корӣ, бақайдгирии давлатии таъсисёбии филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ аз панҷ рӯзи корӣ ба 24 соат, додани нусхаи Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ аз ду рӯзи корӣ ба 24 соат, бақайдгирии давлатии қатъ гардидани фаъолияти филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ ва пешниҳоди қарор дар бораи қатъ гардидани фаъолияти филиал ё намояндагӣ мувофиқан аз панҷ рӯзи корӣ ба 24 соат ва аз ду рӯзи корӣ ба даҳ рӯзи корӣ тағйир дода шудаанд.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, барои рушди соҳибкориву сармоягузорӣ ва сода гардидани пешбурди тиҷорат мусоидат менамояд. Аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, бо эҳтиром хоҳиш дорам, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи масъалаи навбатӣ - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем. Сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи сиҳатӣ, илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонону занон Гулзода Маҳмадшоҳ дода мешавад. Марҳамат.

**Маҳмадшоҳ ГУЛЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 29 - уми декабри соли 2022 қабул намудааст. Он асосҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, ташкилӣ ва молиявии суғуртаи ҳатмӣ ва ихтиёрии тиббии шаҳрвандонро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Бо мақсади бартараф намудани якчанд мушкилиҳои асосии татбиқи суғуртаи ҳатмии тиббӣ дар ҷумҳурӣ, аз ҷумла норасоии маблағ барои пардохт намудани ҳаҷми хизматрасонии тиббӣ ба гурӯҳҳои имтиёзнок ва бекорон аз ҷониби буҷети давлатӣ, дар сатҳи дахлдор қарор надоштани шуғли аҳолӣ, мутобиқ намудани низоми тандурустӣ ба талаботи қонун ва пурзӯр намудани иқтидори кадрӣ, мӯҳлати амали он тамдид гардида, дар моддаи 22 қонуни мазкур рақами «2022» ба рақами «2025» иваз шудааст. Тибқи тағйири мазкур, мавриди амал қарор гирифтани қонуни зикршуда ба якуми январи соли 2025 гузаронида шудааст.



Қонуни пешниҳодгардида ба талаботи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқ буда, аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамоку» шурӯъ мекунем. Сухан аз рӯи масъалаи мазкур ба Гулзода Маҳмадшоҳ дода мешавад.

**Маҳмадшоҳ ГУЛЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамоку» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи як гурӯҳ вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон якуми марти соли 2023 қабул намудааст. Қонуни мазкур бо мақсади такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба ин васила дар сатҳи дахлдор танзим намудани масъалаи муомилоти ҳама намуди маҳсулоти тамоку, пурзӯр намудани чораҳои дахлдор барои таъмини солимии аҳолӣ, алалхусус ҷавонон ва ноболиғон, пешниҳод гардидааст.

Ба моддаи 1 қонуни амалкунанда тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст, ки хусусияти мутобиққунанда ва муайянкунанда дошта, дар лоиҳа мафҳумҳои нав истифода шудаанд, ки имкон медиҳад, маҳсулоти тамоку ва дорои никотин дақиқтар ва якхела ҳаммонанд карда шаванд.

Тағйироти мавриди назар ба моддаҳои 4, 5 ва 6 хусусияти танзимкунанда дошта, ҷиҳати мушаххас намудани фаъолият оид ба истеҳсол, воридот, содирот, фурӯши яклухт ва чаканаи маҳсулоти тамоку ва системаҳои электронии таҳвили никотин, инчунин як қатор маҳдудиятро барои истифодаи онҳо пешбинӣ менамояд. Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамоку» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ» шурӯъ менамоем. Сухан оид ба ин масъала ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад. Марҳамат.

**Шарифҷон ҶУМЪАЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ» бо тартиби истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 - уми феврали соли 2023 қабул намудааст. Қонуни мазкур бо мақсади истифодаи самаранокии маблағҳои давлатӣ ва мутобиқ намудани он ба меъёр ва стандартҳои байналмилалӣ, ки аз ӯҳдадориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар узвият дар Созмони умумиҷаҳонии савдо бармеояд, таҳия гардида, ба танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ марбут ба хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ, ташаккули низоми ягонаи хариди давлатӣ ва шаффофияти расмиёти хариди давлатӣ равона шудааст. Қонун аз 10 боб ва 76 модда иборат буда, боби 1 мафҳумҳои асосӣ, доираи амали қонуни мазкур, инчунин қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи хариди давлатӣ ва принсипҳои хариди давлатиро дар бар мегирад.

Дар боби 2 иштирокчиёни хариди давлатӣ, салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба хариди давлатӣ, талабот нисбат ба корхонаҳои давлатӣ, ҷамъияти саҳомӣ ва субъектҳои хоҷагидори дигар ва тартиби харид барои намояндагиҳои дипломатӣ ва консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас гардидаанд. Масъалаҳои ғайримарказикунонии хариди давлатӣ, мақоми ташкилоти харидори соҳибтахассус, таъминоти ташкилии хариди давлатӣ, хариди давлатии мутамарказ ва муштарак, хариди давлатии электронӣ ва таҳкими иқтидори захираҳои кадрӣ дар соҳаи хариди давлатӣ дар боби 3 дарҷ ёфтааст.

Боби 4 банақшагирии харид, машварати пешакӣ бо бозор, ҳисоби арзиши тахминии харид, тавсифоти техникии мавзӯи харид, усулҳо ва расмиёти хариди давлатӣ, инчунин харидҳо бо мақсади рушди устувор ва иҷтимоиро инъикос менамояд.

Дар боби 5 масъалаҳо роҷеъ ба забони расмиёти хариди давлатӣ, муомила бо маълумоти дорои сирри давлатӣ, меъёрҳои иҷозатдиҳӣ барои иштирок, талаботи тахассусӣ, интихоби пешакии тахассусӣ, тартиб додани рӯйхати мухтасар, рӯйхати истифодаи бисёркарата, иштироки гурӯҳи таҳвилгарон, муросилот дар расмиёти харид ва истифодаи воситаҳои электронӣ, мӯҳлати манзур намудани пешниҳодҳои озмунӣ ва дархост, таъминоти пешниҳоди озмунӣ, шарҳу эзоҳ ва тағйиру иловаҳо дар ҳуҷҷатҳои озмунӣ, пешниҳодҳои озмунӣ бо нархи ғайритабиӣ, паст ё рад кардани пешниҳодҳои озмунӣ, бекор кардани расмиёти харид ва вобастакунӣ, инчунин эътибор пайдо кардани шартномаи харид пурра дарҷ гардидааст.

Боби 6 қонуни мазкур дархости пешниҳодҳои озмунӣ дар мавриди озмуни кушод, ҳуҷҷатҳои озмунӣ, таҳия ва пешкаш намудани пешниҳодҳо, мӯҳлати амал, тағйир додан ва бозхондани пешниҳод, кушодани пешниҳод, мутобиқати назаррас ва арзёбии пешниҳоди озмунӣ ва вобастакунонии шартнома, истифодаи озмуни думарҳилавӣ, расмиёти гузаронидани озмуни думарҳилавӣ, истифодаи дархости нархнома, дархости пешниҳод барои хизматрасонии машваратӣ, музокироти рақобатӣ, хариди мустақим, расмиёти хариди мустақим, истифодаи созишномаҳои қолабӣ, навъҳои созишномаҳои қолабӣ, баимзорасонӣ ва амали созишномаҳои қолабӣ, истифодаи музоядаҳои электронии баръакс, баррасии ибтидоии пешниҳоди озмунӣ ва арзёбии пешниҳоди озмунӣ, инчунин вобастакунии шартнома инъикос ёфтааст.

Бобҳои 7 ва 8 ҳуқуқ ба шикоят, комиссияи байниидоравӣ оид ба баррасии шикоятҳо, танзими шикоят, шикоят бо тартиби судӣ ва масъулият барои маъмурикунонӣ ва назорати иҷрои шартномаи харид, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба шартномаи харид, тасҳеҳи нархҳо, паймонкории фаръӣ ва гузашт, эътироз аз рӯи шартномаи харид, азназаргузаронии мол, кор ва хизматрасонӣ, ҳамзамон бекор кардани шартномаи харидро ба танзим медарорад.

Бобҳои 9 ва 10 қонуни мазкур бархӯрди манфиатҳо, ошкор намудани бархӯрди манфиатҳо, хориҷ намудан аз иштирок дар хариди давлатӣ ва муқаррароти хотимавиро дар бар мегирад.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи масъалаи навбатӣ – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» мегузарем. Марҳамат Ҷумъазода Шарифҷон.

**Шарифҷон ҶУМЪАЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 - уми январи соли 2023 қабул намудааст.

Қонун бо мақсади мутобиқ намудани муқаррароти он ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар қабул гардида, бо назардошти ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пасандозҳои шахсони воқеӣ» ва иваз шудани номи «Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» ба «Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон» дар моддаҳои далхлдори Кодекси андоз, тағйироти зарурӣ ворид шудаанд.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ мебошад. Аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳиш мекунам, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» оғоз менамоем. Сухан ба Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад.

**Шарифҷон ҶУМЪАЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» бо тартиби истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 - уми декабри соли 2022 қабул намудааст. Қонун бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди рақобат ва фаъолияти самарабахши бозорҳои мол таҳия ва пешниҳод шудааст.

Бо ин мақсад, ба моддаи 15 қонуни амалкунанда қисми нави 6 илова шудааст, ки мутобиқи он минбаъд ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ) тибқи Қоидаҳои намунавии ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ), ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мешавад, амалӣ мегардад. Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи масъалаи навбатӣ - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» шурӯъ менамоем. Сухан аз рӯи ин масъала ба Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад.

**Шарифҷон ҶУМЪАЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» бо тартиби истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 – уми декабри соли 2022 қабул намудааст. Қонуни мазкур бо мақсади кам кардани такроршавии вазифаҳои ба ҳам монанд ва аз байн бурдани такроршавии ваколатҳои санҷишии мақомоти санҷишӣ қабул гардидааст. Гузаронидани назорат ва санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор аз ҷониби мақомоту сохторҳои давлатии дорои ваколатҳои назоратӣ ва санҷишибуда, ки дар моддаи 10 қонуни мазкур пешбинӣ нашудааст ва дар ҳолати мавҷуд будани парвандаи ҷиноятӣ, мутобиқи таҳрири нави қисми 3 моддаи 4 манъ шудааст.

Илова бар ин, дар қисми 1 моддаи 10 қонуни амалкунанда тағйироту иловаҳои дахлдор ворид шудааст, ки тибқи он ваколати санҷишии мақомоти давлатӣ дар соҳаҳои ҷангал, шикор ва ҳудудҳои махсус муҳофизатшавандаи табиӣ, забон ва истилоҳот, идораи замин ва геодезӣ, бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқ ба он, назорати техникаи кишоварзӣ, ҳамзамон суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, такмил дода шудааст. Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ мебошад. Аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» оғоз мекунем. Сухан ба Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад.

**Шарифҷон ҶУМЪАЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» бо тартиби истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 29 - уми декабри соли 2022 қабул намудааст. Қонун идомаи ислоҳоти соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳии ҷумҳурӣ буда, бо ин мақсад моддаи 11 қонуни амалкунанда дар таҳрири нав ифода шудааст, ки тибқи он, реҷаи кори ташкилоту объектҳои савдо, хизматрасонии маишӣ ва намудҳои дигари хизматрасонии аз ҷиҳати танзим муҳиме, ки номгӯи онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, бо қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар воҳидҳои маъмурию ҳудудии дахлдор бе муроҷиат ва ҷалби субъектҳои хоҷагидор муқаррар мешавад.

Илова бар ин, пешниҳод мегардад, ки реҷаи кории ташкилоту объектҳои савдо, хизматрасонии маишӣ ва дигар намуди хизматрасоние, ки дар қисми якуми моддаи мазкур дарҷ нагардидаанд, аз ҷониби онҳо мустақилона муайян карда шавад. Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ» шурӯъ мекунем. Сухан ба Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад.

**Шарифҷон ҶУМЪАЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ» бо тартиби истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 29 - уми декабри соли 2022 қабул намудааст.

Қабули қонуни мазкур идомаи ислоҳот дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ буда, бо ин мақсад, дар сархати ҳаштуми моддаи 8 қонуни амалкунанда тағйирот ворид карда шудааст, ки тибқи он, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи танзими савдо ва хизматрасонии маишӣ реҷаи кории объектҳои савдо, хизматрасонии маишӣ ва дигар намуди хизматрасонии аз ҷиҳати танзим муҳимеро, ки номгӯи онҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, метавонад мустақилона муқаррар намояд. Илова бар ин, қисми 3 моддаи 11 дар таҳрири нав ифода шудааст, ки мутобиқи он минбаъд мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ метавонанд дар воҳидҳои ҳудудии дахлдор реҷаи кории бозорҳои давлатиро мустақилона муқаррар намоянд.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ мебошад. Аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» оғоз мекунем. Сухан ба Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад.

**Шарифҷон ҶУМЪАЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» бо тартиби истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 - уми январи соли 2023 қабул намудааст.

Қонун бо мақсади ба суғурта фаро гирифтани суратҳисобҳои амонатию пасандозии шахсони воқеӣ ва баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ равона гардид. Бо ҳамин мақсад, номи қонуни амалкунанда дар таҳрири нав ифода гардида, дар матни моддаи 1-и он шарҳу мафҳумҳо ба монанди «амонат», «низоми суғуртаи амонату пасандозҳо» ва «бонк-агент» илова шудааст.

Тағйиру иловаҳои дар қисмҳои дахлдори моддаҳои 4 ва 5 воридгардида мақоми ҳуқуқии Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон ва мақсадҳои онро мукаммал намудааст. Тарҳи нави моддаи 7 манбаъҳои маблағи хазинаро васеъ, ваколати Шӯрои нозирони хазинаро мушаххас намудааст.

Ҳамкории хазина бо Бонки миллии Тоҷикистон оид ба кушодани суратҳисобҳо бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ дар моддаи 9 пурра дарҷ гардидааст.

Моддаи 10 дар таҳрири нав ифода шудааст, ки он манбаъҳои сармоягузории хазинаро васеъ намуда, моддаи 13 дар таҳрири нав ваколатҳои онро вобаста ба Феҳристи ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ дар худ инъикос кардааст.

Мутобиқи сархати нави иловашуда дар моддаи 14, ташкилоти қарзии узви хазина ӯҳдадор аст, ки ба пасандоздорон пешниҳоди маълумотро оид ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо бо тартибе, ки хазина муқаррар кардааст, таъмин намоянд. Моддаи 15 дар таҳрири нав ташкилоти қарзии дар натиҷаи азнавташкилдиҳӣ таъсисёфта (ба истиснои табдилдиҳӣ) ва бонки мутавасситро аз пардохти ҳаққи узвият озод намуда, таҳрири нави қисми 1 моддаи 16 ташкилоти қарзиро вазифадор кардааст, ки ҳар семоҳа 0,1 фоиз барои амонату пасандозҳо бо пули миллӣ ва 0,3 фоиз барои амонату пасандозҳо бо асъори хориҷӣ аз рӯйи бақияи миёнаи семоҳаи гузаштаи онҳо, ки дар ташкилоти қарзӣ мавҷуданд ва бояд суғурта шаванд, пардохтҳои тақвимии бебозгаштро бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ пардохт намояд.

Қисми 4-уми моддаи 16 дар таҳрири нав ифода шуда, мутобиқи он ҳар як ташкилоти қарзӣ ӯҳдадор аст ҳар семоҳа, бо шарти дар ин муддат дар ташкилоти қарзӣ ҷой доштани ҳолати суғуртавӣ, то рӯзи бозхонди иҷозатнома пардохтҳои тақвимии ҳисобшударо ба хазина пардохт намояд.

Тағйиру иловаҳо ба моддаи 20 воридгардида, ҳолатҳои ба ҷавобгарӣ кашидан барои насупоридани пардохтҳоро ба хазина пурра дарҷ намудааст.

Моддаи 21[1] дар таҳрири нав доираи объекти ҳатмии суғуртаро ва объектҳое, ки ба рӯйхати ҳатмии суғурта дохил намешаванд, муайян намудааст.

Мутобиқи таҳрири қисмҳои дахлдори моддаи 22, андозаи ҷубронпулӣ барои амонату пасандозҳои суғурташуда бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ на бештар аз 35000 сомонӣ муқаррар шуда, баробарии амонату пасандозҳо бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ таъмин гардидааст.

Такмили қисми 3 моддаи 25 мӯҳлати оғоз гардидани пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздоронро муайян намудааст, ки он на дертар аз 14 рӯзи пас аз ба вуқӯъ омадани ҳолати суғуртавиро дар бар мегирад.

Дар сархати дуюми қисми 2 моддаи 26 ҳолатҳои мӯҳлати пешниҳоди дархост барои гирифтани ҷубронпулӣ мушаххас пешбинӣ гардида, дар қисми 1 моддаи 31 тағйирот ворид шудааст, ки тибқи он, ҳуқуқи хазина барои соҳиб шудани ҳуқуқи қарздеҳ нисбат ба ташкилоти қарзӣ пас аз пардохти ҷубронпулии суғурта мушаххас мегардад.

Тағйиру иловаҳои ба моддаи 35 воридгардида, ваколатҳои Шӯрои нозирони хазинаро такмил дода, моддаи нави 40[1] бошад, ба пурзӯр намудани идоракунии корпоративӣ дар хазина ва ҷорӣ намудани раванди ташкили назорати дохилӣ ва аудити дохилӣ равона шудааст.

Илова бар ин, дар як қатор моддаҳои қонуни амалкунанда тағйиру иловаҳо ворид гардидааст, ки хусусияти муайянкунанда, мутобиққунанда ва таҳририӣ дорад. Аз ин рӯ, аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, бо эҳтиром хоҳиш дорам, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи масъалаи навбатӣ - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» шурӯъ мекунем. Сухан ба Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад.

**Шарифҷон ҶУМЪАЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» бо тартиби истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 – уми январи соли 2023 қабул намудааст.

Қонун бо мақсади мутобиқ намудани қонунгузории мамлакат ба талаботи дигар қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, дар доираи он ба қисми 1 моддаи 35 ва қисми 3 моддаи 50-и қонуни амалкунанда тағйирот ворид гардидааст, ки тибқи он, минбаъд «Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» мувофиқан ба калимаҳои «Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон» иваз шудааст.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ мебошад. Аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, эҳтиромона хоҳиш дорам, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» шурӯъ менамоем. Сухан ба Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад.

**Шарифҷон ҶУМЪАЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» бо тартиби истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 – уми январи соли 2023 қабул намудааст.

Мақсад аз қабули қонуни мазкур мутобиқ намудани муқаррароти он ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар буда, тибқи он, дар матни қонуни амалкунанда калимаҳои «Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» мувофиқан ба калимаҳои «Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон» иваз шудаанд.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ мебошад.

Аз шумо - муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, хоҳишмандем, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

# АЗ ҶОНИБДОРИИ ҚОНУНҲО ТО ҲИСОБОТИ ПРОКУРОРИ ГЕНЕРАЛӢ

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи масъалаи шонздаҳуми рӯзномаи иҷлосия - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» мегузарем. Марҳамат Ҷумъазода Шарифҷон.

**Шарифҷон ҶУМЪАЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» бо тартиби истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 – уми феврали соли 2023 қабул намудааст.

Қонун бо мақсади мутобиқ гардонидани қонуни амалкунанда ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, бо ҳамин мақсад, ба қисми 6 моддаи 4 банди 28) илова ворид шуда, тибқи он, барои додани нусхаи тасдиқкардашуда (дубликат)-и шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии ташкилоти адвокатӣ 50 фоиз боҷи давлатӣ, ки барои бақайдгирии таъсисёбии субъект пешбинӣ карда шудааст, ситонида мешавад.

Тағйиру иловаҳои дар қисми 13 моддаи 4 воридгардида андозаи пардохти боҷи давлатӣ барои анҷом додани амалиёт вобаста ба барасмиятдарории асноди ҳолати шаҳрвандиро муайян менамояд.

Қисми 4 моддаи 5 дар таҳрири нав ифода гардидааст, ки ҳолатҳои озод кардан аз пардохти боҷи давлатиро барои бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ инъикос менамояд.

Қонун ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ мебошад. Аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ кунед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ» шурӯъ менамоем.

Аз рӯи ин масъала сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ Раҳимӣ Фарҳод дода мешавад. Марҳамат.

**Фарҳод РАҲИМӢ:**



**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунэҷодкунӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 - уми феврали соли 2023 қабул намудааст.

Мақсад аз қабул намудани қонуни мазкур пурра ва ҳаматарафа фаро гирифтани масъалаҳои вобаста ба ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ буда, ҳангоми ба қувваи қонунӣ даромадани он қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» ва «Дар бораи имзои электронии рақамӣ» аз эътибор соқит мешавад.

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, тартиби гардиш ва истифодаи ҳуҷҷатҳои электронӣ, инчунин таъсис ва истифодаи имзои электрониро дар раванди ташаккул ва истифодаи ҳуҷҷатҳои электронӣ муқаррар менамояд. Он аз 8 боб ва 38 модда иборат буда, боби якум муқаррароти умумиро дар бар мегирад. Боби дуюм ба масъалаҳои мақомоти ваколатдор оид ба назорати давлатӣ дар соҳаи гардиши ҳуҷҷати электронӣ ва дар соҳаи имзои электронӣ, инчунин ваколатҳои онҳо бахшида шудааст.

Боби сеюм «Шартҳои гардиши ҳуҷҷати электронӣ» номгузорӣ шуда, соҳаи гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ, намудҳо ва сохтори ҳуҷҷати электронӣ, нусхаи аслии ҳуҷҷати электронии ҳифзшуда, эътибори ҳуқуқии ҳуҷҷати электронӣ, омода кардан, ба расмият даровардан, нигоҳ доштан ва гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ, нигоҳдорӣ ва нобуд кардани ҳуҷҷатҳои электронӣ, ҳифзи ҳуҷҷатҳои электронӣ, ҳуҷҷатҳои электронии дорои маълумоти паҳншавиашон манъшуда ё маҳдудшуда, фиристодан ва қабули ҳуҷҷати электронӣ ва масъулият барои мазмуни ҳуҷҷати электрониро инъикос менамояд.

Шартҳои истифодаи имзои электронӣ, тарзи истифода ва намудҳои он, шартҳои эътирофи баробарии имзои электронӣ ва имзои дастӣ, шумораи имзоҳои электронии иштирокчиёни низоми иттилоотӣ ва омода кардани имзоҳои электронӣ дар боби чорум муайян шудааст. Боби панҷум имзои электронии ҳифзшуда номгузорӣ шуда, масъалаҳои калидҳои имзои электронии ҳифзшуда ва тарзи омода кардани он, сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда, боздоштан ва бекор кардани амали сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда, уҳдадориҳои дорандаи сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда, муҳлат ва тартиби нигоҳдории сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда дар маркази тасдиқкунанда, санҷиши аслияти имзои электронӣ ва воситаҳои имзои электронии ҳифзшуда ва сертификатсияи онҳоро фаро мегиранд.

Вазъи ҳуқуқии маркази тасдиқкунанда, иҷозатномадиҳӣ ба фаъолияти марказҳои тасдиқкунанда, шартҳои амалигардонии фаъолият аз ҷониби маркази тасдиқкунанда, ҳуқуқ ва вазифаҳои маркази тасдиқкунанда ва қатъ гардидани фаъолияти маркази тасдиқкунанда дар боби шашум танзим шудааст. Боби ҳафтум ба масъалаи эътироф намудани сертификати хориҷии калиди имзои электронӣ равона шуда, боби ҳаштум муқаррароти хотимавиро дар бар мегирад.

Қонуни мазкур ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, бо эҳтиром хоҳиш дорам, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба категорияи деҳа мансуб донистани маҳали аҳолинишини деҳоти ба номи Ҷомии ноҳияи Зафарободи вилояти Суғд ва номгузорӣ намудани он» оғоз мекунем. Сухан ба Раҳимӣ Фарҳод дода мешавад.

**Фарҳод РАҲИМӢ:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз якуми марти соли 2023 «Дар бораи ба категорияи деҳа мансуб донистани маҳали аҳолинишини деҳоти ба номи Ҷомии ноҳияи Зафарободи вилояти Суғд ва номгузорӣ намудани он» пешниҳоди Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Зафаробод дар хусуси ба категорияи деҳа мансуб донистани маҳали аҳолинишини деҳоти ба номи Ҷомии ноҳияи Зафаробод ва номгузорӣ намудани он ҷонибдорӣ шудааст.

Пешниҳод ба талаботи Конститутсия, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон», дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онро эътироф намудааст, мутобиқ мебошад.

Маводи зарурӣ тибқи номгӯи ҳуҷҷатҳо оид ба ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудӣ аз ҷониби Маҷлиси вакилони халқи ноҳия пешниҳод шудааст.

Аз шумо, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, бо эҳтиром хоҳиш мекунем, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба категорияи деҳа мансуб донистани маҳали аҳолинишини деҳоти ба номи Ҷомии ноҳияи Зафарободи вилояти Суғд ва номгузорӣ намудани он» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия - пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Саидзода М.М.» шурӯъ менамоем.

Сухан ба Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ – Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ализода Зариф дода мешавад.

**АЛИЗОДА Зариф** пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қироат мекунад:



- Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Саидзода М.М.» ирсол мегардад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Саидзода М.М.» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Қуватзода Т.Д.» оғоз мекунем. Сухан ба Ализода Зариф дода мешавад.

**АЛИЗОДА Зариф** пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қироат мекунад:

- Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Қуватзода Т.Д.» ирсол мегардад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозхонд намудани Қуватзода Т.Д.» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Ҷалилзода Х.Р.» шурӯъ мекунем. Сухан оид ба ин масъала ба Ализода Зариф дода мешавад.

**Зариф АЛИЗОДА** пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қироат мекунад:

- Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Ҷалилзода Х.Р.» ирсол мегардад.



*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Ҷалилзода Х.Р.» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи додани ризоият барои аз вазифаи муовини якуми Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Ҳикматуллозода А.» оғоз менамоем. Сухан ба Ализода Зариф дода мешавад.

**АЛИЗОДА Зариф** пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қироат мекунад:

- Мутобиқи банди 8 моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи додани ризоият барои аз вазифаи муовини якуми Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Ҳикматуллозода А.» ирсол мегардад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи додани ризоият барои аз вазифаи муовини якуми Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон озод намудани Ҳикматуллозода А.» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия - Ҳисоботи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022» шурӯъ менамоем. Сухан барои ҳисобот ба Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Юсуф дода мешавад. Марҳамат.

**Юсуф РАҲМОН:**



**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Таҳти роҳбарии хирадмандона ва одилонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мамлакат волоияти қонун, фазои ягонаи ҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон таъмин гардида, некуаҳволии мардум мунтазам беҳтар шуда истодааст.

Прокуратураи генералӣ ҳамчун мақомоти назорати қонунҳо дар асоси Конститутсия, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ фаъолият намуда, дар соли 2022 корҳои муайянеро ба анҷом расонида, аз натиҷаи супоришҳои мақомоти олӣ унвонии Роҳбари давлат 45 ва Маҷлиси миллӣ 14 ахбор манзур гардидааст.

Рафти татбиқи «Барномаи давлатии муқовимат бар зидди ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030», ки дар асоси қарори Маҷлиси миллӣ таҳия гардида буд, инчунин «Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» таҳти назорати доимӣ қарор дошта, натиҷаи он мавриди баррасии маҷлисҳои ҳайати мушовара ва Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ қарор дода шуда истодааст.

Риоя ва иҷрои қонунгузории мамлакат дар вазорату идораҳо, муассисаю ташкилот ва дигар субъектҳо зиёда аз 6500 маротиба санҷида, ҷиҳати бартараф намудани қонунвайронкуниҳои ошкоршуда тақрибан 100 ҳазор санадҳои эътиноии прокурорӣ бароварда, ҳуқуқу манфиатҳои поймолшудаи 183 000 шаҳрванд ҳифз гардид.

Дар рафти санҷишҳои прокурорӣ ва тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ зарари ба давлат ва шаҳрвандон расонидашуда зиёда аз 1,5 млрд. сомонӣ муайян шуда, аз он 995,9 миллион сомонӣ барқарор гардид, ки 392 миллион сомонии он ба буҷети давлат рӯёнида шудааст. Ҳамчунин, 3897 парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуд, ки аз он 1091 адад оид ба ҷиноятҳои коррупсионӣ ва иқтисодии хусусияти коррупсионидошта мебошанд.

Ба 1520 қарорҳои ғайриқонунии раисони вилоят ва шаҳру ноҳияҳо, аз ҷумла оид ба замин 1233 эътироз оварда шуд, ки аз он ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон 442 адад, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ - 424, вилояти Суғд - 409 ва ВМКБ 191 адад рост меояд.

Дар давраи таҳлилӣ 41 500 муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба баҳси замин, манзил, норозӣ будан аз рафти тафтишоти пешакӣ, санадҳои судӣ ва дигар масъалаҳо баррасӣ гардида, дар натиҷа 1420 санадҳои эътинои прокурорӣ татбиқ, 1100 нафар ба ҷавобгариҳои гуногун кашида шуда, 50 парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуд.

Вобаста ба қонунвайронкуниҳо дар фаъолияти муассисаҳои тандурустӣ 2677 санадҳои эътинои прокурорӣ қабул карда, 9478 нафар ба ҷавобгариҳои интизомӣ, моддӣ ва маъмурӣ кашида шуда, 400 парвандаи ҷиноятӣ оғоз ва 2,08 миллион сомонӣ маблағи зарар барқарор карда шудааст.

Дар рафти санҷишҳои прокурорӣ ҳолатҳои зиёди ба муомилот баровардани маводи дорувории пастсифат, муҳлаташон гузашта ва ғайристандартӣ ошкор гардиданд. Чунончи, нисбат ба шаҳрванд Ш.С. Наимов барои дар ду ҳолат 436 маводи дорувории бесифат, қалбакӣ ва ғайристандартиро ба маблағи 21664 сомонӣ ба фурӯш баровардан парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуд.

Аз натиҷаи санҷишҳои прокурорӣ вобаста ба риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» 970 санади эътинои прокурорӣ бароварда шуда, нисбат ба 1480 нафар ҷавобгариҳои гуногун татбиқ гардид.

Вобаста ба ҳифзи меҳнат 4430 қонунвайронкунӣ ошкор ва шахсони гунаҳгор ба ҷавобгарӣ кашида шуданд.

Дар ин самти назоратӣ ҳуқуқҳои поймолшудаи 98 000 нафар ҳифз гардида, 23 парвандаи ҷиноятӣ оғоз ва 207,3 миллион сомонӣ маблағи музди меҳнат барқарор карда шуд.

Дар натиҷаи 152 ҳодисаи нохуши истеҳсолӣ фавти 68 нафар ва ҷароҳати ҷисмонӣ бардоштани 90 нафар ба қайд гирифта, нисбат ба гунаҳгорон чораҷӯӣ карда шуд.

Бо натиҷаи санҷиши қонунгузорӣ дар соҳаи барқ 2486 санади эътинои прокурорӣ бароварда, нисбат ба 3000 нафар ҷавобгариҳои интизомӣ, моддӣ, маъмурӣ татбиқ, 70 парвандаи ҷиноятӣ оғоз ва барои рӯёнидани 144 миллион сомонӣ ба судҳо 123 аризаи даъвоӣ пешниҳод шуда, аз он 130 миллион сомонӣ баррасӣ ва қонеъ гардид. Дар умум, 152 миллион сомонӣ зарар ошкор ва барқарор шуд. Дар самти мазкур ҳолатҳои зиёди ҷиноятӣ қонунвайронкуниҳо оид ба сохтакории ҳуҷҷатҳои расмӣ, тасарруфи маблағҳои ҳаққи истифодаи неруи барқ, беасос ва ғайриқонунӣ ба муштариён изофанависии неруи барқи истифоданашуда ва маблағи он муайян гардид.

Сардори шабакаҳои барқи ноҳияи Панҷ М.Ашӯров барои тасарруфи 100 ҳазор сомонӣ маблағи аз муштариён гирифташуда ба ҷавобгарӣ кашида шуд.

Қарзи истифодаи оби полезӣ 11,5 миллион сомонӣ рӯёнида шудааст. Вобаста ба назорати ҳифзи муҳити зист 3700 ҳолати шикори ғайриқонунӣ, буридани дарахтон, ғализ намудани ҳавои атмосферӣ ва дигар қонуншиканиҳо ошкор гардид. Чунончи, бо натиҷаи санҷиши фаъолияти корхонаи муштараки «Зарафшон» 161,4 миллион сомонӣ зарари ба муҳити зист расонидашуда муайян гардида, бо андешидани чораҳои прокурорӣ аллакай 19 миллиону 350 ҳазор сомонии он ба буҷет пардохт карда шуд.

Бинобар таҳти нестшавӣ қарор доштани бабри барфӣ ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон иловаҳо пешниҳод ва қабул гардида, барои ғайриқонунӣ шикор, нобуд кардан ва ба даст овардани бабри барфӣ ҷавобгарӣ пурзӯр гардид.

Санҷиши вазъи риоя ва иҷрои қонунгузории молия ва буҷети давлатӣ қонуншиканиҳои зиёдро ошкор намуда, дар натиҷа 975 санади эътинои прокурорӣ қабул гардида, нисбат ба 1300 нафар истеҳсолоти интизомӣ, моддӣ, маъмурӣ татбиқ, 223 парвандаи ҷиноятӣ оғоз ва 17 миллион сомонӣ маблағи зарар барқарор карда шуд.

Гарчанде дар самти назорати риояи истифодаи самаранок ва оқилонаи замин корҳои муайян ба сомон расонида шуда истода бошад ҳам, тақсимоти ноодилонаи қитъаҳои замин, сохтакории ҳуҷҷатҳо, харидуфурӯш ва худсарона ишғол кардани қитъаҳои замин идома дорад.

Барои чунин кирдорҳо собиқ раиси ноҳияи Шаҳритус Р.Оймаҳмадзода (фурӯши 11 га замин бар ивази 1 млн. сомонӣ), муовини раиси ноҳияи Қубодиён И. Гулҳусейнов (фурӯши 13 га замин бар ивази 54 500 сомонӣ), раиси Ҷамоати деҳоти ноҳияи Варзоб К. Каримов (фурӯши 20,6 га замин бар ивази 600 ҳазор сомонӣ ва 100 000 доллар) ва дигарон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуданд.

Дар ин самт зиёда аз 6000 қонунвайронкунӣ ошкор гардида, нисбат ба 6550 нафар чораҳои таъсиррасонии прокурорӣ татбиқ, 16032 гектар қитъаҳои замини худсарона ишғолгардида ба ҳолати аввала баргардонида шуда, 16,9 миллион сомонӣ маблағи зарар барқарор гардид. Аз ҷумла, нисбат ба 252 нафар шахсони мансабдор парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз карда шуд.

Зимни бунёди биноҳои баландошёна аз ҷониби ширкатҳои сохтмонӣ поймол намудани ҳуқуқҳои зиёда аз 600 нафар ҳиссагузорон муайян ва 35 миллион сомонӣ зарари ба онҳо расонидашуда барқарор гардид.

Бо мақсади баланд бардоштани масъулияти заминистифодабарандагон ва шахсони мансабдори масъули соҳа дар вазорату кумитаҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳия, ҷамоатҳо, коллективҳои меҳнатӣ ва заминистифодабарандагон 4233 вохӯрию суҳбат доир гардида, тавассути воситаҳои ахбори омма 175 баромад ва мақола ба нашр расонида шуд.

Вобаста ба назорати ҳолати риоя ва иҷрои қонунгузории андоз 4900 қонуншиканӣ ошкор гардида, 3500 нафар ба ҷавобгарӣ кашида, 331 миллион сомонӣ ба буҷети давлат барқарор шуд.

Ҷиҳати бартараф намудани омилҳои иқтисоди ниҳонӣ, дарёфти манбаъҳои нави андозбандӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои соҳибкорон назорат пурзӯр карда шуда, ҳолатҳои пинҳонкунии андоз ба миқдори махсусан калон ошкор гардид. Аз ҷумла, нисбат ба роҳбари ҶДММ «Ҷамил» Л. Киромзода барои пинҳон намудани 1,3 миллион сомонӣ дар эъломияҳои андоз, парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуд. 46 ҳолати ғайриқонунӣ машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ бо гирифтани даромад ба миқдори калон ва махсусан калон ошкор ва гунаҳгорон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуданд.

Вобаста ба риоя ва иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектони соҳибкорӣ» 114 ҳолати гузаронидани санҷишҳои ғайриқонунӣ, дахолат ба фаъолияти соҳибкорон, беасос ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан ошкор гардида, ба 41 санади ғайриқонунии мақомоти санҷишӣ эътироз оварда, 54 нафар шахсони масъул ба ҷавобгарии интизомӣ ва маъмурӣ кашида шуда, 6 парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуд.

Санҷишҳои прокурорӣ оид ба риоя ва иҷрои қонунгузорӣ дар бораи ҳифзи сармоягузорӣ қонунвайронкуниҳои зиёдро ошкор намуд. Масалан, У.Савуров бо писараш Ш.Савуров ширкатҳои «Таджстрас» ва «Икром»-ро ташкил намуда, бо ширкати японии «Акебоно» шартномаи ҳамкорӣ оид ба таъмини маҳсулот баста, 118 740 евро маблағи ширкати зикршударо тасарруф намудааст. Оид ба ҳолати мазкур нисбати номбурдагон парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда, бо фикри айбдорӣ ба суд фиристода шуд.

Дар самти назорати иҷрои қонунгузории нақлиёт ва гумрук барои содир намудани 2600 қонунвайронкунӣ 4600 нафар ба ҷавобгарӣ кашида шуда, 20,4 миллион сомонӣ пардохтҳои гумрукӣ барқарор гардид.

Прокуророн 503 ҳолати қочоқро ба маблағи 9,1 миллион сомонӣ муайян ва нисбат ба гунаҳгорон чораҷӯӣ намуданд.

Бо мақсади фароҳам овардани фазои мусоиди рақобатпазирӣ дар бозорҳои молӣ, пешгирии болоравии сунъии нарх ва риояи нархгузорӣ мунтазам чораҳои зарурӣ андешида шуда истодааст.

Бо ин мақсад гурӯҳҳои корӣ мониторинги бозорҳо ва марказҳои савдоро ба роҳ монда, ҳолатҳои беасос баланд бардоштани нархҳои маҳсулотро ошкор карда, ҷиҳати бартараф намудани қонунвайронкуниҳо ба мақомоти дахлдор 66 пешниҳод, 52 амр ирсол намуда, ба 112 қарори ғайриқонунии шахсони мансабдор эътироз оварда, 121 нафар шахсони масъулро ба ҷавобгарии интизомӣ кашидаанд. Инчунин, нисбат ба 231 шахси гунаҳгор барои вайрон кардани қоидаҳои савдо парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва нисбат ба 61 нафар бинобар ба фурӯш баровардани молу маҳсулоти ба талаботи беҳатарӣ ҷавобгӯнабуда парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз карда шуд.

Дар фаъолияти баъзе сарҳадбонон ва гумрукчиён ҳолатҳои маблағситонӣ дар шуъбаҳои назорати сарҳадӣ ва гузаргоҳҳои сарҳадӣ характери оммавиро пайдо намуда, ҳуқуқҳои шаҳрвандони кишвар ва хориҷиён дағалона поймол карда мешавад. Чунончи, назоратчии калон оид ба тафтиши ҳуҷҷатҳои шуъбаи назорати сарҳадии «Душанбе»-и қисми ҳарбии 0121 ҚС КДАМ лейтенанти калон Қ. Нажмудинов ва нозири дидбонгоҳи назорати гумрукии мусофирони гумруки «Майдони ҳавоӣ»-и Раёсати минтақавии гумрукӣ дар шаҳри Душанбе, лейтенанти Хадамоти гумрук А. Раҳмонзода аз шаҳрванди Ҷумҳурии Исломии Покистон Муҳаммад Шабир барои бемамониат аз сарҳад гузаштан 400 сомонӣ ва 200 доллари ИМА талаб карда гирифтаанд. Ё ин ки 7 – уми сентябри соли 2022 назоратчии шуъбаи назорати сарҳадии «Душанбе»-и қисми ҳарбии 0121 Қӯшунҳои сарҳадӣ прапоршик З. Мирзоев аз шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммад Зоҳиршоҳ барои аз хати сарҳади давлатӣ гузашта, ба Федератсияи Россия рафтан, 500 сомонӣ талаб карда гирифтааст. Нисбат ба номбурдагон парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз ва пас аз тафтиш ба суд ирсол карда шудааст.

Дар маҷмӯъ, оид ба ин ҳолатҳо 14 парвандаи ҷиноятӣ оғоз шудааст, ки 13 адади он коррупсионӣ мебошад.

Аз натиҷаи санҷиши вазъи назорати риоя ва иҷрои қонунҳо оид ба ноболиғон ва ҷавонон 5316 чораҳои таъсиррасонии прокурорӣ татбиқ, 612 парвандаи ҷиноятӣ оғоз ва 44,8 миллион сомонӣ зарар барқарор гардид.

Барои риоя накардани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» 4000 нафар ба ҷавобгариҳои гуногун кашида, нисбат ба 180 нафар барои монеъ шудан ба гирифтани таҳсилоти ҳатмии асосӣ парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз карда шуд.

124 ҳолати ба таълимоти ғайриқонунии динӣ ҷалб намудани ноболиғон муайян шуд, ки ба вилояти Хатлон 73 адад, вилояти Суғд 25 ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 21 адад рост меояд.

Аз ҷониби ноболиғон ва бо иштироки онҳо дар ин давра 660 ҷиноят содир шудааст, ки нисбат ба соли 2021- ум 55 адад ё 7,6 дарсад камтар мебошад.

Барои саркашӣ намудан аз хизмати ҳарбӣ 108 даъватшаванда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуданд.

Дар ин давра 22481 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2021- ум 1637 ҷиноят кам буда, кушодашавии он 76,7 фоизро ташкил медиҳад.

Содиршавии ҷиноятҳои одамкушӣ ва суиқасд ба он 25 адад, савдои одамон - 13, бо истифода аз силоҳ -115, ғайриқонунӣ нигоҳ доштани силоҳ - 19, фирор - 22 ва қочоқи маводи нашъаовар 25 адад зиёд ба қайд гирифта шудааст.

Прокуророн 8140 ё 36,2 фоизи ҷиноятҳоро ошкор ва ба қайд гузошта, 1123 ҷинояти аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз қайд пинҳоннамударо ошкор карданд.

Ҳодисаҳои худкушӣ ва суиқасд ба он коҳиш ёфта, 487 ҳодиса ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2021 – ум 82 адад ё 16,8 дарсад камтар мебошад. Барои ба худкушӣ расонидан 48 парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуд.

Дар соли 2022 дар ҷумҳурӣ дар натиҷаи 1096 садамаи нақлиётӣ 416 нафар фавтида, 1200 нафар ҷароҳатҳои гуногуни ҷисмонӣ бардоштаанд.

Бо сабаби сабук будани ҷазои ҷиноятӣ, нисбат ба шахсони гунаҳгор ҷазо танҳо дар колонияи ислоҳии низоми сукунат таъин карда мешавад. Аз ин рӯ, ҷиҳати пурзӯр намудани ҷазо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод гардид.

Бо 23 000 парвандаи ҷиноятӣ назорати прокурорӣ таъмин шуда, 6119 дастури хаттӣ дода, дар асоси пешниҳодҳои прокуророн 735 муфаттиш ба ҷавобгарии интизомӣ кашида шуд.

Мақомоти тафтиш ва таҳқиқи ҷумҳурӣ дар умум 10 800 парвандаҳои ҷиноятиро ба суд ирсол намуд, ки нисбат ба соли 2021 – ум 173 адад зиёд мебошад.

Бо сабаби нопурра будани тафтишот 31 парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби прокуророн ва 19 парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби судҳо ба тафтишоти иловагӣ баргардонида шуд.

Муфаттишони прокуратура парвандаҳои ҷиноятии бисёрлаҳза, мураккаб ва бо ҷабрдидагони зиёдро тафтиш намуда, 4250 парвандаи ҷиноятиро ба суд фиристонида, 150 миллион сомонӣ зарарро барқарор намудаанд. Чунончи, тафтиши парвандаи ҷиноятӣ оид ба ташкили пирамидаи молиявӣ аз тарафи Г.М. Каладоров ва дигарон, ҷамъ 20 нафар, зарар 2,7 миллион сомонӣ ба 350 ҷабрдида, Ҷ.Н. Раҳматуллоев ва дигарон, зарар 7 миллион сомонӣ ба 104 ҷабрдида, роҳбарияти ширкати сохтмонии «Муҳаммад-2009», зарар 35 миллион сомонӣ ба 405 нафар ҳиссагузор ва ғайра бо фикри айбдорӣ ба суд ирсол шудаанд.

Бо ҳукми суд 11 нафар ба ҷазои якумра ва дигарон ба муҳлатҳои гуногун аз озодӣ маҳрум гардида, молу мулки онҳо пурра ба манфиати давлат мусодира шуд.

Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар соли 2022 аз муомилоти ғайриқонунӣ 4 тоннаву 170 кг маводи нашъадор, аз ҷумла 139 кг героин мусодира намудааст.

Ба ҳолати якуми январи соли 2023 дар ҷумҳурӣ 8631 ҷиноятгкор дар ҷустуҷӯ қарор дошта, аз ин 2483 нафар дастгир шудааст.

1197 ҷиноятҳои хусусияти террористӣ - экстремистидошта ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2021 - ум 222 адад ё 18,5 фоиз зиёд мебошад. Аз он ба ҷиноятҳои террористӣ 37 адад, хусусияти террористӣ - 308, экстремистӣ - 790, хусусияти экстремистӣ 62 адад рост меояд.

Омори ин ҷиноятҳо асосан аз ҳисоби ҷиноятҳои дар солҳои пеш содирнамудаи роҳбарон ва аъзои гурӯҳи муташаккили Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва дар соли 2022 ҷиноятҳои содиркардаи Х. Холбашов, Т. Аёмбеков, М. Шанбиев, У. Мамашоева ва дигарон таҳти роҳбарии ташкилоти террористии «Ҳизби наҳзати исломӣ» зиёд шудааст.

Дар соли 2022 дар заминаи ҳамкориҳои байналмилалӣ 97 нафар, аз ҷумла 18 ҷинояткори дар кофтукови байналмилалӣ бо ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ ва террористӣ қарордошта ба Тоҷикистон истирдод шудаанд.

398 парвандаҳои ҷиноятии характери экстремистӣ-террористдошта нисбат ба 614 нафар ба суд ирсол шуда, гунаҳгорон ба ҷазоҳои гуногун маҳкум гардидаанд.

(Давомаш дар саҳ. 5)




# МУАРРИФИИ ҚОНУНИ МАРБУТ БА БАРОБАРҲУҚУҚИИ МАРДОНУ ЗАНОН

**14-уми марти соли равон дар меҳмонхонаи «Румӣ»-и шаҳри Душанбе бо иштироки вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА), Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шӯрои занони судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ассотсиатсияи занони назди Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба муаррифии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» ҳамоиш баргузор гардид. Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Сумангул Тағойзода чорабиниро ифтитоҳ намуд.**

Дар он муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ иброз дошт, ки ҳадаф аз баргузории машварат баррасии қонуни мазкур ва роҳҳои татбиқи он мебошад. Инчунин, шарҳи корҳои анҷомдодашуда ва тавсияҳо оид ба татбиқи қонунгузорӣ дар бораи ҳуқуқи баробари мардону занон пешниҳод мешавад.

- Баробарӣ дар ин қонун муқаддаси инсоният ва муҳимтарин принсипи демократия аст, ки тибқи он, шаҳрвандон, сарфи назар аз нажод, миллат, ҷинс, эътиқоди динӣ, нигоҳи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ ва моликияташон дар назди қонун баробаранд. Баробарӣ гарави шукуфоии ҷамъият дар ҳар як мамлакат аст. Низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба принсипҳои волоияти қонун асос ёфта, татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсонро пурра таъмин менамояд. Мо ба татбиқи сиёсати иҷтимоии гендерӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, муносибати пайвастаро ба ташаккул ва татбиқи он дар мадди аввал мегузорем, - зикр кард номбурда.

Дар чорабинӣ вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Парвиз Шодизода дар мавзӯи «Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» суханронӣ намуда, гуфт, ки 25 дарсади вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро занон ташкил медиҳанд, ки нисбат ба даъватҳои пешина бештар буда, вакилзанон дар пешниҳоду қабули қонунҳо ва дигар санадҳо фаъол ҳастанд.

- Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» ба қонуни амалкунанда моддаи нав - «Принсипҳои асосии таъмини кафолатҳои баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» илова гардида, қонуният, баробарҳуқуқии мардону занон, нораво будани табъиз аз рӯи ҷинсият, ошкорбаёнӣ ва шаффофият принсипҳои асосианд, - афзуд Парвиз Шодизода.

Ҳамчунин, вакилони Маҷлиси намояндагон Сурайё Дӯстмуродзода ва Насиба Содиқӣ, раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳилолбӣ Қурбонзода, иҷрокунандаи вазифаи роҳбари барномаҳои Дафтари САҲА дар Душанбе Тея Джалиашвили, раиси Шӯрои занони судяи Ҷумҳурии Тоҷикистон Мавҷуда Пӯлодӣ, раиси Ассотсиатсияи занони назди Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Азиза Давлатшоева суханронӣ намуданд.

**Раҳмоналӣ ҲАБИБОВ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# АЗ ҶОНИБДОРИИ ҚОНУНҲО ТО ҲИСОБОТИ ПРОКУРОРИ ГЕНЕРАЛӢ

**(Идома аз саҳ. 2 - 4)**

Дар соли 2022 таълимоти динии пинҳонии кӯдакон дар шаҳрҳои Истаравшан, Исфара, Ваҳдат, ноҳияҳои Ёвон, Кӯшониён, Вахш, Нуробод, Рашт, Файзобод, Тоҷикобод, Роштқалъа ва Шуғнон зиёдтар ошкор шудааст.

Прокурорҳо дар ин самт 1133 санади эътинои бароварда, нисбат ба 110 нафар парвандаи ҷиноятӣ оғоз кардаанд.

Дар соли 2022 – юм 1091 ҷинояти характери коррупсионидошта ошкор ва парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз шудааст. Маблағи зарари ошкоршуда бо ин ҷиноятҳо 92,4 миллион сомонӣ муайян ва аз ин 46,9 миллион сомонӣ дар рафти тафтиши пешакӣ барқарор гардидааст.

Прокуророн дар судҳо бо 8850 парвандаи ҷиноятӣ айбдоркунии давлатиро дастгирӣ намуда, ба санадҳои судӣ 470 эътироз овардаанд. Бо эътирозҳои прокуророн 362 санадҳои судӣ бекор ва тағйир дода шуданд.

Дар баррасии 3840 парвандаҳои гражданию оилавӣ ва маъмурӣ иштироки прокуророн таъмин карда шуд. Бо баррасии 1470 аризаи даъвоии прокуророн дар судҳо 180 миллион сомонӣ ба манфиати давлат рӯёнида шудааст.

Дар ҷойҳои ҳабси пешакӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ зиёда аз 1000 (898) қонунвайронкунӣ ошкор гардида, шахсони гунаҳгор ба ҷавобгарӣ кашида шуданд.

Дар самти таъмини амнияти иттилоотии кишвар бо санҷишҳои гузаронида 188 амр ва 46 пешниҳод ирсол намуда, ба санадҳои ғайриқонунӣ 14 эътироз оварда, 185 парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст. Чунончи, бо баррасии маводи интернетӣ ҳолатҳои ҳамкории собиқ мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Панҷ М. Боймуродзода, хабарнигори телевизиони «Ҷаҳоннамо» А. Иззатмандов ва дигарон бо сомонаи «Ислоҳ.нет» ошкор ва парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуда, баъд аз анҷоми тафтиши пешакӣ ба суд ирсол гардид. Гунаҳгорон бо ҷазоҳои сазовор маҳкум гардиданд. Муайян карда шуд, ки шаҳрванд Солиҳов, сокини ноҳияи Сангвор, ки дар муҳоҷирати меҳнатӣ дар Федератсияи Россия қарор дорад, ба ТЭТ «Ҳизби наҳзати исломӣ» шомил шуда, бо барандаи барномаи «Ислоҳ.нет» Муҳаммадиқболи С. муносибат пайдо карда, ба ӯ расмҳои роҳбари дастгоҳи раиси ноҳияи Сангвор, раиси Ҷамоати деҳоти Вахёи ноҳия ва дигар маълумотро аз тариқи шабакаҳои интернетӣ дастрас намуда, мусоидат кардааст, ки охирин дар барномаи «Ислоҳ.нет» барномаҳои иғвоангезро таҳти номгӯи «Тавилдара ё Сангвор дар қабзаи ғоратгарон» ва «Наҳанги Сангвор кист?» намоиш диҳад.

16-уми феврали соли 2023 нисбат ба И.Д. Солиҳов парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуда, кофтукови ӯ эълон гардид. Ҳамзамон, ҷиҳати бастани 17 сомонаи экстремистии «Ислоҳ.нет», «Паём.нет», пешгирии пахши онлайнии барномаи иғвоангези онҳо ва бастани 172 сомонаи хусусияти шаҳвонидошта амрҳои прокурорӣ ирсол намуда, сомонаҳои мазкур пурра қатъ ва пахши барномаҳои иғвоангез маҳдуд карда шуданд. Ба иттилооти иғвоангези интернетӣ 8694 вокуниш нишон дода шудааст.

Дар самти ҳамкории байналмилалӣ бо прокуратураҳои кишварҳои хориҷӣ 6 санади ҳамкорӣ, аз ҷумла бо Прокурори генералии Ҷумҳурии Исломии Эрон, Бюрои Федералии тафтишоти ШМА, прокуратураҳои генералии Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Озарбойҷон ва Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ба имзо расиданд.

Соли гузашта прокуророни генералии Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Беларус, Ӯзбекистон, Озарбойҷон ва Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ба Тоҷикистон сафари корӣ доир намуданд, ки ин ба ҳамкориҳои дуҷонибаи прокуратураҳо такони ҷиддӣ бахшид.

Дар заминаи мулоқот бо Прокурори генералии Ҷумҳурии Исломии Эрон ду корманди Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати муайян намудани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар мадрасаҳои динии Эрон ба таҳсили ғайриқонунии динӣ машғуланд, ба ин кишвар сафар намуда, 58 нафар чунин толибилмонро муайян намуданд. 7 нафари онҳо ба Ватан баргардонида шуда, ҷиҳати бозпас гардонидани боқимонда корҳо идома дорад.

Бо натиҷаи санҷишҳои прокуророни ҳарбӣ 2530 санадҳои эътиноии прокурорӣ бароварда шуда, 1593 нафар ба ҷавобгариҳои гуногун кашида шуда, 201 парвандаи ҷиноятӣ оғоз ва 12,5 миллион сомонӣ зарари расонидашуда барқарор гардид.

Прокуророн ҷиҳати ташвиқу тарғиби қонунҳо, пешгирии ҷинояткорӣ ва дигар масъалаҳо дар байни коллективҳои меҳнатӣ ва маҳали зисти аҳолӣ 42 000 вохӯрию суҳбат гузарониданд. Бо мақсади мукаммалгардонии қонунгузорӣ 14 лоиҳаи қонун таҳия ва пешниҳод гардид.

Прокуратураи генералӣ минбаъд низ баҳри таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тартиботи ҳуқуқӣ ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар мамлакат тамоми чораҳои зарурӣро амалӣ менамояд.

Аз фурсати муносиб истифода намуда, шумо, муҳтарам Раис ва аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо фарорасии Наврӯзи аҷам табрик менамоям.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳисоботи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи масъалаи навбатии рӯзномаи иҷлосия – лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз мӯҳлат қатъ намудани ваколати узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳакимзода Қ.» шурӯъ менамоем.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз мӯҳлат қатъ намудани ваколати узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳакимзода Қ.» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология бозхонд намудани Ҳакимзода Қ.» шурӯъ менамоем.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология бозхонд намудани Ҳакимзода Қ.» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Тибқи талаботи банди 103 Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Котиботи иҷлосия оид ба рафти кори иҷлосия, мурoҷиат ва ҳуҷҷатҳои ба унвони иҷлосияи Маҷлиси миллӣ воридшуда маълумот манзур менамояд. Доир ба ин масъала сухан ба раиси Котибот Абдураҳмонзода Саидбурҳон дода мешавад. Марҳамат.

**Саидбурҳон АБДУРАҲМОНЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Унвонии Иҷлосияи сенздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум муроҷиат, ариза, дархост ворид нашудааст.

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Масъалаҳои рӯзномаи Иҷлосияи сенздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баррасӣ шуданд ва нисбат ба онҳо қарорҳои дахлдор қабул гардиданд.

Доир ба рафти иҷлосия таклифу пешниҳодҳо бошанд, марҳамат иброз намоед. Нест.

**(Пас аз баррасии масъалаҳои рӯзномаи Иҷлосияи сенздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ мардуми шарифи Тоҷикистон ва ҳозиринро ба ифтихори фарорасии Наврӯзи фархундапай самимона табрик гуфта, дар назди аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати вусъати корҳои ободонӣ, тозаву озода намудани манзили зист, гулпӯш кардани кӯчаю хиёбонҳо ва амалисозии ташаббусҳои созанда ба хотири боз ҳам зебову пешрафта гардонидани кишвари азизамон вазифагузорӣ намуданд.**

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ ҳамчунин аз баргузории Конфронси Созмони Милали Муттаҳид оид ба баррасии миёнамуҳлати Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» дар рӯзҳои бошукӯҳи наврӯзӣ, аз 22 то 24 – уми марти соли 2023 дар шаҳри Ню-Йорки Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, ёдовар шуда, изҳор доштанд, ки боиси ифтихору сарфарозии мардуми тоҷик аст, ки ин конфронси сатҳи баланд чорабинии муҳими Созмони Милали Муттаҳид буда, онро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Подшоҳи Нидерландия аълоҳазрат Виллем-Александр раисӣ хоҳанд кард).**

**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Бо ҳамин Иҷлосияи сенздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро пӯшида эълон менамоям.

(*Суруди Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо медиҳад).*

**Хӯҷаназари АМИНИЁН,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# 26-УМИ СЕНТЯБР РӮЗИ МАҶЛИСИ ОЛӢ МУАЙЯН ШУД

**(Идома аз саҳ. 1)**

Созишнома бо тартиби муқарарнамудаи қонунгузории мамлакат 20 - уми декабри соли 2022 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, аз 4 қисмати асосӣ, аз ҷумла таҳкими иқтидори бахши давлатӣ вобаста ба идоракунии захираҳои табиии ба тағйирёбии иқлим тобовар, таҳкими иқтидори Ҷамоат барои мутобиқшавӣ ва устуворӣ ба тағйирёбии иқлим тавассути сармоягузорӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии маҳалҳои алоҳида ва гурӯҳи осебпазири аҳолӣ тавассути равишҳои бозорӣ ва идоракунии лоиҳа, иборат мебошад.



Маблағи умумии лоиҳа 37,8 млн. доллари амрикоиро ташкил медиҳад, ки он аз ҳисоби Фонди байналмилалии рушди кишоварзӣ маблағгузорӣ мегардад. Аз ин маблағ 31,1 млн. доллар грант ва 6,7 млн. доллари амрикоӣ қарз мебошад.

Саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 5,9 млн. доллари амрикоиро дар бар мегирад, ки он тавассути пешниҳоди имтиёзҳои андозию гумрукӣ амалӣ мешавад.

Қарзи ҷалбшаванда имтиёзнокии баланд дошта, мӯҳлати пардохти он 40 сол, давраи имтиёзнокии пардохти қарзи асосӣ 10 сол ва меъёри ҳаққи хизматрасонӣ 1,48 фоизро ташкил медиҳад.

Шартҳои пешниҳодгардидаи қарз пурра ба меъёрҳои Стратегияи идоракунии қарзи давлатӣ мутобиқ аст. Лоиҳаи мазкур дар 21 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ, аз ҷумла ноҳияҳои алоҳидаи вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, амалӣ мегардад.

Дар баробари дигар тадбирҳои амалишаванда, сатҳи зиндагии тақрибан 100 ҳазор хонаводаи камбизоат дар 400 деҳаи шаҳру ноҳияҳои Абдураҳмони Ҷомӣ, Балҷувон, Бохтар, Кӯшониён, Данғара, Фархор, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Ховалинг, Хуросон, Кӯлоб, Панҷ, Шамсиддини Шоҳин, Темурмалик, Вахш, Восеъ, Ёвон, Ҳисор, Рӯдакӣ, Шаҳринав, Мастчоҳ ва Зафаробод тадриҷан беҳтар гардида, татбиқи лоиҳа соли 2023 оғоз гардида, мӯҳлати амали он то соли 2030 пешбинӣ шудааст.

Бо арзи эҳтиром хоҳиш менамоям, ки созишномаи пешниҳодгардидаро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС: -** Аз рӯи масъала сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Рустам Латифзода дода мешавад. Марҳамат.

**Рустам ЛАТИФЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишномаи маблағгузорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди байналмилалии рушди кишоварзӣ оид ба лоиҳаи «Дастгирии соҳаи кишоварзӣ дар заминаи ҷомеа + (ЛДСК+)», ки 20-уми декабри соли 2022 дар шаҳри Душанбе ва 9-уми январи соли 2023 дар шаҳри Рим ба имзо расидааст, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Лоиҳаи зикршуда барои гурӯҳҳои зерин пешбинӣ гардидааст:

а) аҳолии деҳот, ки камбизоатанд;

б) аҳолии деҳот, ки хоҷагии натуралӣ ва нимнатуралиро пеш мебаранд, бахусус онҳое, ки мехоҳанд ба кишоварзии бештар ба самти тиҷоратӣ нигаронидашуда гузаранд;

в) аҳолии деҳоти шуғли нопурраи меҳнатидошта.

Мақсади лоиҳа мусоидат ба гузариши кишвар ба траекторияҳои рушди устувор бо партовҳои кам ба муҳити зист ва усулҳои истеҳсоли кишоварзии ба иқлим мутобиқ дар 21 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ мебошад.

Ҳамчунин, лоиҳа ба ҳадафҳои худ тавассути таҳкими иқтидори бахши давлатӣ дар идоракунии захираҳои табиии ба иқлим тобовар, беҳтар кардани банақшагирии Ҷамоат ва дастрасӣ ба захираҳои сармоягузорӣ барои идоракунии экосистемаҳо ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, дастгирӣ тавассути равишҳои бозории диверсификатсияи манбаъҳои баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ҳамчун унсури устуворӣ ба тағйирёбии иқлим ноил хоҳад гардид.



Ҳадафи он ба ҳадафу афзалиятҳои «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2030» пурра мутобиқ мебошад.

Созишномаи мазкур бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9-уми марти соли 2023 расмиёти дахлдорро тибқи Дастури Маҷлиси намояндагон гузаштааст.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон созишномаи зикргардидаро пурра ҷонибдорӣ намуданд.

Созишномаи мазкур бо моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқ мебошад.

Бо арзи эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишномаи маблағгузорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Фонди байналмилалии рушди кишоварзӣ оид ба лоиҳаи «Дастгирии соҳаи кишоварзӣ дар заминаи ҷомеа + (ЛДСК+)» ба овоз монда шуда, тасдиқ гардид.*

**РАИС: -** Ба баррасии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» шурӯъ менамоем.

Сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Сарвиноз Маҷидзода дода мешавад. Марҳамат.

**Сарвиноз МАҶИДЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Фарҳод Раҳимӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуҳалим Ғаффорзода, Амонулло Хайрулло, Бахтиёр Аҳмадзода ва Комрон Исмоилиён таҳия гардидааст.

Ҳадафи асосии лоиҳаи қонуни мазкур, бо назардошти таҷрибаи давлатҳои узви ИДМ ва анъанаҳои миллӣ, ба нишони эътибору эътирофи хизматҳои шоистаи собиқадорону кормандони соҳаҳои гуногун, аз ҷумла ҳокимияти олии қонунгузорӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ, ҷалби таваҷҷуҳи васеи омма ба нақш ва аҳамияти фаъолияти асосии ин мақомот ба ҳисоб меравад.

Муқаррар намудани рӯзҳои ид барои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 26-уми сентябри соли 1999 ва барои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот санаи аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имзо шудани аввалин қонунҳои даврони соҳибистиқлолӣ: Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот» 1-уми декабри соли 1994 пешниҳод мешавад.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид»-ро мавриди омӯзиш қарор дода, ҷонибдорӣ намуданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур расмиёти дохилиро мутобиқи талаботи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузашта, он ба боби 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мухолифат надорад.

Хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС: -** Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Марҳамат.

**Амонулло ХАЙРУЛЛО:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Пеш аз ҳама, аз номи муаллифон мехоҳам миннатдориамонро ба шахсоне, ки ин пешниҳоди моро оид ба эълон намудани санаи 26-уми сентябр ҳамчун Рӯзи Маҷлиси Олӣ пазируфтанд, иброз намоям.

Воқеан, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки пештар бо дигар номҳо маъруф буд, дар таърихи давлатсозии Ватани азизамон саҳми калидӣ дорад. Таърих гувоҳ аст, ки дар давраҳои хеле мушкилу ҳассос, мақомоти олии қонунгузор сутунпояи мустаҳками давлат буду халқи шарафманди мамлакатамон бо чашми умед ба ин ниҳод назар менамуданд.

Дар таърихи навин, маҳз қарорҳои оқилонаи қабулнамудаи мақомоти олии қонунгузор дар Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олӣ, бо интихобнамоии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Роҳбари давлат, ба нигоҳдории давлатамон, хомӯшгардонии оташи ҷанги шаҳрвандӣ, баргардонидани гурезаҳо ва барқарорнамоии хоҷагии халқ асос ва замина гузошт.



Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, чун дар аксари давлатҳои пешрафтаи демократию ҳуқуқбунёди ҷаҳон, мақомоти олии қонунгузор – Маҷлиси Олии иборат аз ду палата - Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон фаъолият намуда истодааст.

Боиси ифтихори мост, ки Рӯзи иди касбии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз аз ҷониби мо – вакилони даъвати шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул мегардад.

Хоҳиш менамоям, ки қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ба овоз монда шуда, қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ба овоз монда шуда, қабул гардид.*

**РАИС: - Вакилони муҳтарам, ҳозирини гиромӣ!**

Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа ворид гардида буданд, баррасӣ шуданд. Ба шумо, вакилони муҳтарам ва ҳозирини гиромӣ, барои иштироки фаъолона миннатдорӣ намуда, ҷаласаро пӯшида эълон менамоям.

**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**Ҳафизуллоҳ ТОҲИРӢ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# АЗ ДАСТОВАРД ТО МУШКИЛОТ

**Соли 2022 барои сокинони меҳнатдӯсти ноҳияи Балҷувон хотирмон буд. Соҳибкорони ноҳия дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сармашқи кор қарор дода, ҷиҳати дар сатҳи баланд пешвоз гирифтани ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатӣ иншоотҳои таъиноти гуногунро ба истифода супориданд ва дар боқимонда иншоотҳои сохташаванда корҳо идома доранд. Суҳбати мо бо раиси ноҳия Бахтиёр Сафарзода дар ҳамин мавзӯъ сурат гирифт.**




**- Дастовардҳои ноҳия дар соли 2022 чӣ гуна буд?**

- Нақшаи қисми даромади буҷети ноҳия 121 фоиз таъмин гардида, ба ҷойи 12 миллиону 963 ҳазор сомонӣ ба буҷет 15 миллиону 658 ҳазору 440 сомонӣ ворид гардид. Аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ ба буҷети ноҳия 15 миллиону 767 ҳазору 976 сомонӣ субвенсия ворид гардид, ки 100 фоизи нақшаро ташкил медиҳад.

Дар ин давра истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба 323 миллиону 454 ҳазору 700 сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021-ум 4 миллиону 914 ҳазору 700 сомонӣ зиёд мебошад. Соли сипаришуда кишоварзони ноҳия дар 3625 гектар ғалладонагӣ бо лӯбиёгиҳо ва дар майдони 248,4 гектар картошка кишт намуда, ҳосили хуб ба даст оварданд. Дар ҳама шаклҳои хоҷагидорӣ 27 ҳазору 420 сар чорвои калон, 50 ҳазору 221 сар моли майда, 43 ҳазору 375 сар паранда ва 3412 сар асп нигоҳубин мешавад. Соли гузашта 32 ҳазор бех дарахтони ороишӣ, сояафкан ва мевадиҳанда шинонида шуд.

**- Омодагиҳо ба ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатӣ дар кадом сатҳ аст?**

- Аз ҳисоби кормандони Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Балҷувон гурӯҳи корӣ таъсис дода шуд, ки мақсад огоҳ шудан аз вазъи иҷтимоию иқтисодии деҳаву маҳаллаҳо ва ҷамоатҳои деҳоти ноҳия ба ҳисоб меравад. Бахшида ба ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатӣ дар назар аст, ки 257 иншооти таъиноти гуногун сохта шавад. Аз ҷумла, 20 муассисаи таълимӣ, 15 муассисаи тиббӣ, 5 муассисаи фарҳангӣ, 12 корхонаи саноатӣ, 23 маркази савдо ва хизматрасонӣ бунёд шуда, кашидани хатти оби нӯшокӣ, хатти барқ, таъмиру навсозии роҳҳо ва 109 иншооти гуногун пешбинӣ гардидааст. Айни замон дар 28 иншооти таъиноти гуногун корҳои сохтмонӣ ба анҷом расида, дар 49 иншоот таъмиру навсозӣ идома доранд.

Айни замон дар ноҳияи Балҷувон 48 муассисаи таҳсилоти умумӣ, интернати вилоятии наздимактабӣ, гимназияи давлатӣ ва 2 муассисаи томактабӣ фаъолият менамоянд, ки 7340 хонандаро ба таълим фаро гирифтаанд. Ба онҳо 630 омӯзгор таълим медиҳанд. Инчунин, дар назди 15 муассисаи таълимии ноҳия 281 кӯдаки синни 5 - 6-сола ба маркази инкишофи кӯдак фаро гирифта шудаанд. Соли 2022 муассисаҳои таълимии ноҳияро 475 нафар хатм намуданд, ки 316 кас донишҷӯ шуданд.

**- Солҳои 2022 - 2026 «Солҳои рушди соҳаи саноат» эълон гардид. Вобаста ба ин масъала кадом корҳо анҷом дода шуданд?**

- Соли гузашта истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 21 миллиону 784 ҳазор сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021- ум 4 миллиону 393 ҳазору 600 сомонӣ зиёд мебошад. Бо мақсади рушди соҳаи саноат ва бо ҷойи кор таъмин кардани сокинони маҳаллӣ соли сипаришуда се корхонаи нави саноатӣ ба истифода дода шуда, дар ду корхона корҳои сохтмонӣ идома доранд. То соли 2026 дар ноҳия эъмори 11 корхонаи саноатӣ ба нақша гирифта шудааст.

**- Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми декабри соли 2009 таъмиру нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди маҳаллӣ ба зиммаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо вогузор гардидааст. Баҳри амалӣ гардидани қарори мазкур кадом корҳо ба сомон расиданд?**

- Барои таъмиру нигоҳдории роҳҳои маҳаллӣ соли 2022 аз ҳисоби Вазорати нақлиёти ҷумҳурӣ 174 ҳазору 777 сомонӣ, аз ҳисоби Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон 200 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби буҷети ноҳия 120 ҳазору 550 сомонӣ ҷудо гардид. Айни замон дар мувозинаи Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳия 69,5 километр роҳ мавҷуд аст, ки 42,5 километри он роҳҳои аҳамияти ҷумҳуриявӣ ва 27 километр роҳҳои маҳаллӣ мебошанд.

**- Дар ноҳия кадом мушкилот вуҷуд дорад?**

- Ба соҳилбандӣ эҳтиёҷ доштани 12 километр соҳили дарёҳо, таъмирталаб будани роҳҳои маҳаллӣ, паст будани суръати интернет, ба барқарорсозӣ ниёз доштани пулҳои одамгузар дар деҳаҳои Шаиди Бобохон, Кӯҳнабалҷувон ва деҳаи Зарнисори деҳоти ба номи Сайф Раҳим, норасоии 19 омӯзгори фанҳои математика, физика, забони англисӣ, русӣ, технологияи иттилоотӣ ва химия, кифоя набудани китобҳои дарсӣ, компютер, тахтаи электронӣ аз ҳамон ҷумлаанд.

**Мусоҳиб Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

---

Гузаштаро ҳеҷ гоҳ баргардонида намешавад.

***

Хомӯшона орзу бикун, на бо карру фар.

***

Ҳеҷ гоҳ баланд ҳарф мазан.

***

Мехоҳам ғаввос шавам. Андаруни баҳри пурталотум дароям шино кунаму бифаҳмам, ки андаруни ин баҳр ва дар қаъри он чӣ асроре аст, ки маро ба ишқи



# *Розҳои Ҳошим Гадо*

ғаввос шудан гирифтор кардааст.

***

Мурдан, рафтан, осон зистан, мондан душвор аст.

***

Шитобкор ба манзили умед бо пои шикаста мерасад.

***

Риштаи зиндагӣ чунон сарпеч аст, ки ҳеҷ сару нӯги онро ёфта намешавад. Агар ёбӣ, зуд гум мекунӣ.

***

Аз пасаш мадав, бигзор худаш аз пасат ояд.

***

То кай мехонӣ, чизе бинавис, ки туро низ бихонанд.

***

Рангҳо ҳам бо ҳамранги худ наздикӣ меҷӯянд.

***

Асрор маҷӯй, он беохир аст.

***

Ба дунё ва сарвати ӯ дил мабанд.

***

Дили шахсро магирён, ки дилат гирён хоҳад шуд.

***

На дар ғам, на дар шодӣ худро гум макун.

***

Ба ҳар ҳол калиди қуфли зиндагиро бояд ёфт, вагарна зиндагиат мушкил мешавад.

***

Шуҳрат ин сояи одам аст. Ҳар қадаре ки ту аз дунболи ӯ медавӣ, аз ту ҳамон қадар дур мешавад. Бинобар ин, аз қафои шуҳрату соят матоз. Чун ба он аҳамият надиҳию бо меҳнат машғул шавӣ, соят аз пасат метозад.

***

Ба ҳеҷ кас гарданкаҷӣ макун. Луқмаатро бо обилаи кафи дасти худат биёбу назди касу нокас ранг зард макун.

***

Андеш, андеш. Боз андеш, баъд ҳарф бизан, вале кӯтоҳ ҳарф бизан, вагарна аз ту ҳама гурезон хоҳанд шуд.

***

Кӯтоҳ бигӯй, гаҳ- гаҳе бигӯй ва кам бигӯй.

***

Сонияе, ки бо ханда гузашт, беҳ аз сонияе, ки бо гиряву нола гузашт.

***

Эй насли инсон! Бас аст қатлу куштор, ғайбату ранҷу озор, дур кун аз мағзи хеш тираафкор!

Мо рӯи ин кураи Замин бо ҳам пайвандем. Ҳамхуну ҳамравонем, ҳама аз як решаи азимем, ки номи Инсон аст.

***

На ҳар дардманд дарди дигаронро дарк карда метавонад.

***

Ғамшарикон ҳимматбаландонанд.

***

Луқма худ ба даҳон наомад, ӯро ба даҳон бояд овард.

***

Парандаи озодихоҳ шабу рӯз монда нашуда, симҳои қафасро бо панҷаҳояш мехарошид. Рӯзе худро озод кард. Ӯ намедонист, ки замин низ худ қафасест.

***Аз китоби «Розҳо», ҷилди якуми осори Ҳошим ГАДО***

---

Номи нек – самараи аъмоли нек

# ЗАМИН АЗ ҲИММАТАШ ШОДОБ ГАРДИД

**Тоҷикистон диёри кӯҳҳои сарбафалак, пиряххои азим, рӯду дарё ва чашмаҳои обашон зулолу шифобахш буда, сарзамини дорои фарҳанги қадимаи кишоварзӣ ба шумор меравад. Мувофиқи гуфти бостоншиносон, мардуми тоҷик аз қадимулайём ба боғу токпарварӣ ва ғаллаю сабзавоткорӣ машғул буда, ба мардуми бодиянишини атроф низ асрори кишоварзиро ёд додаанд.**

Дар асри XX бо дастрас шудани техникаи муқтадир ва бунёди обанбору иншооти азими соҳаи обёрӣ ҳазорон гектар заминҳои асрҳо ташналабу бекорхобидаи водии Вахш, даштҳои Мирзочӯлу Дилварзин, Сомғору Хоҷабоқирғон, Ёвону Обикиик ва Данғараю Бешканд шодоб гардиданд. Яке аз шодобгарони дашту пуштаҳои асрҳо ташналаби ҷумҳурӣ Ирригатори хизматнишондодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, собиқ вазири мелиоратсия ва хоҷагии оби ҷумҳурӣ,



вакили Шӯрои Олии ИҶШС (даъвати 11), вакили Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон (даъвати 10-11), шодравон Абдукарим Қосимов мебошад. Номбурда 41 соли умри бобаракаташро сарфи обёрӣ ва азхудкунии заминҳои бекорхобида намудааст.

Қаҳрамони матлаб 10-уми марти соли 1933 дар деҳаи Қулангири ноҳияи Хуҷанд (ҳоло Бобоҷон Ғафуров) ба дунё омада, пас аз хатми мактаби миёнаи рақами 14-и деҳаи Унҷӣ, соли 1951 ба Донишкадаи кишоварзӣ (ҳоло ДАТ) дохил шуд. Ӯ соли 1956 донишкадаро бо ихтисоси «гидромелиоратор» хатм намуда, барои шодоб кардани дашти ташналаби Сомғор ба ноҳияи Хуҷанд рафт. Моҳҳои аввали кор барояш хеле душвор буд. То насб кардани хаймаҳои нахустин чандин шабро дар ҳавои кушод рӯз намуд. Тайи ду соле, ки ӯ дар ин дашти асрҳо бекорхобида фаъолият намуд, тавассути насосҳои шинокунанда ба баландии 136 метр об баромад. Оби Сирдарё дар оғоз 4000 ва баъдтар 9000 гектар замини навкорами Сомғорро шодоб кард. Дар собиқ дашти ташналаб хоҷагиҳои нави «Ситораи сурх» ва ба номи Исмоил Ҳамзаалиев таъсис ёфтанд, ки соҳаи асосиашон сабзавоткорӣ, боғдорӣ ва токпарварӣ буд.

Он солҳо корхонаҳои нассоҷии Иттиҳоди Шӯравӣ ба нахи пахта ниёз доштанд. Аз сабаби афзудани талабот ба истеҳсоли пахта масъалаи аз худ намудани заминҳои бекорхобида ба миён омад. Чунончи, моҳи ноябри соли 1958 масъалаи азхудкунии дашти Мирзочӯл ба миён гузошта шуд. Аз ин рӯ, беҳтарин мутахассисон, ҷавонмардони ғайратманду шуҷоъ ва фаъолу кордонро ба ин иншооти муҳим мефиристоданд, ки Абдукарими 25-сола низ дар байни онҳо буд. Ӯро сармуҳандиси муассисаи «СМУ-22» таъин карданд. Фотеҳони дашти лабташна аз моҳи январ то апрели соли 1959 дар ҳамин вагончаҳо мезистанд. Кор дар ду ҷанба ҷараён дошт. Дар обанбор насосҳои обкашӣ насб мекарданду дар як гӯшаи дашт хонаҳои истиқоматӣ месохтанд. Коргарон ҳамон сол қариб дар 40 хона бӯрёкӯбон карданд.

Зимни таҷлили 60-солагӣ Абдукарим Қосимов солҳои дар дашти Мирзочӯл кор карданашро чунин ба хотир овардааст: «Мирзочӯл ба монанди кафи даст холӣ буд, на обе буду на дарахте. Шамолҳои сахт дошт. Тобистонаш хеле гарму зимистонаш сард. Умуман, нишонаҳои ҳаёт ба назар намерасид. Барои азхудкунии дашти Мирзочӯл 13 соли ҳаётамро бахшидам».

Вақте ба дашти Мирзочӯл об омад, майдонҳои пахтаю сабзавоткорӣ пайдо шуданду соли 1966 ноҳияи нав бо номи Зафаробод таъсис ёфт. Аз ноҳияи Айнӣ ва кӯҳистони Мастчоҳ ҳазорҳо оила барои азхудкунии заминҳои навкорам ба ноҳияи Зафаробод омаданд.

Собиқ муовини раиси вилояти Суғд М.В. Мамадҷонов нақл кардааст, ки соли 2003 як гурӯҳ намояндагони Корхонаи «Уралмаш»-и Федератсияи Россия ба ноҳияи Зафаробод омада, бо кори насосҳои обкашӣ ошно шуданд. Вақте санаи истеҳсоли насосҳоро диданд, дар ҳайрат монданд, зеро насосҳо 41 сол боз мунтазам кор мекарданд. Ҳол он ки мувофиқи нишондод бояд 25 сол кор кунанд.

Дар баробари азхудкунии заминҳои навкорам дар ноҳияи навтаъсис биноҳои замонавии истиқоматӣ, иншооти хизматрасонӣ, биноҳои маъмурӣ, муассисаҳои тандурустию маориф ва корхонаю муассисаҳо бунёд ёфтанд, ки дар тарҳрезию сохтмони онҳо саҳми Абдукарим Қосимов зиёд буд. Аз ин рӯ, соли 1972 ӯ бо Ҷоизаи ленинии Иттиҳоди Шӯравӣ сарфароз гардонида шуд.

Мавсуф солҳои 1972-1980 дар Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии об, баъдтар Раёсати сохтмони об, «Главтаджикводстрой»-и Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии оби Иттиҳоди Шӯравӣ роҳбарӣ кард. Дар он айём барои аз худ кардану обёрии заминҳои бекорхобидаи доманакӯҳҳои водии Қаротегин (Рашт), вилоятҳои Ленинобод (ҳоло Суғд), Кӯлобу Қӯрғонтеппа (ҳоло Хатлон) ва ВМКБ оғоз ёфта, корҳои зиёде ба иҷро расиданд. Ба гуфти Муҳиддин Зоҳидов, дар он солҳо майдонҳои обёрии даштҳои Ёвону Обикиик, Сомғор, Хоҷабоқирғон, Дилварзин, Марғедар, Данғара, Бешканд, Ашт, Ӯртабуз, Қумсангир, Қародум васеъ шуда, дар ноҳияҳои Москва (Ҳамадонӣ) ва Фархор заминҳои нав аз худ гардиданд.

Ин фидоии касби хеш дар баробари қобилияти кордонӣ ва ташкилотчигӣ доштан бо ҳамкорон ҳамеша хушмуомила буд. Дар ин хусус собиқ сармуҳосиби Колоннаи механиконидашудаи рақами 10 ва Тресті «Душанбеводстрой» Ҷӯра Заробеков чунин ёдовар шудааст:

«Солҳои тӯлоние, ки мо бо Абдукарим Қосимов якҷоя кор мекардем, надидаам, ки он кас нисбат ба ягон шахс бо садои баланд ё қаҳролуд сухан гуфта бошанд. Он кас хеле одами поквиҷдон буданд. Ҳама вақт ба зердастон таъкид мекарданд, ки нисбат ба молу амволи давлат софдилона муносибат кунем, моликияти ҷамъиятиро ҳифз намоем ва бо касоне, ки ба моликияти ҷамъиятӣ хиёнат мекунанд, мубоизаи оштинопазир барем».

Абдукарим Қосимов барои фаъолияти пурсамар бо ду ордени «Байрақи сурхи меҳнат», орденҳои «Нишони фахрӣ» ва «Дӯстии халқҳо», инчунин «Ифтихорнома»-и Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ гардидааст.

Ин шахсияти барои халқу миллат дилсӯз дар тарбия ва ба воя расонидани кадрҳои маҳаллӣ, алалхусус, муҳосибон саҳми калон дошт. Тавре Ҷӯра Заробеков иброз намудааст, Абдукарим Қосимов ҳамеша таъкид мекард, ки ҷавонони лаёқатмандро аз маҳалҳои атрофи иншоотҳои системаи мелиоратсия ва хоҷагии об интихоб намуда, ба курсҳои яксолаи тайёр намудани муҳосибон фиристода шаванд. Хароҷоти таҳсили онҳо аз ҳисоби фонди тайёрии кадрҳо пардохт мешуд. Ҳар сол ин курсро 25-30 нафар ҷавонон хатм мекарданд. Дар натиҷа, тайи даҳ соли таҷриба қариб 70 дарсади муҳосибони системаи обро ҳамин ҷавонон ташкил дода, дар назди Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии оби ҷумҳурӣ як тими пурқуввати муҳосибон таъсис ёфт.

Мавсуф зимни сафари хизматӣ ба кишварҳои Мисру Исроил бо усули обёрии қатрагӣ шинос шуд. Дар ин кишварҳо дарахтони боғу хиёбонҳо ва истироҳатгоҳҳо бо усули қатрагӣ обёрӣ мешаванд. Аз шаҳри Қоҳира то Искандарияи Миср, ки масофаи тӯлониро дар бар мегирад, дарахтон бо ҳамин усул обёрӣ мегарданд.

Номбурда аз мушоҳидаҳояш ба хулосае омад, ки агар дар ҷумҳурии худамон низ ин усул ба роҳ монда шавад, ботлоқшавии заминҳо, шусташавию шӯразании хок ва фарсудашавии заминҳо пешгирӣ мешавад. Ӯ, ки дар бунёди туннели Данғара саҳм дошт, мехост дар ноҳияи Данғара обёрии қатрагиро пурра ба роҳ монад. Сад афсӯс, ки риштаи умри ин фарди ободгару ватандӯст дар 64-солагиаш ба таври фоҷиавӣ канда шуд. Агар зинда мебуд, 10-уми март 90-сола мешуд.

Ба гуфти собиқ вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қ. Тӯраев, дар давраи ба системаи обёрикунии ҷумҳурӣ роҳбарӣ кардани А. Қосимов дар кишвар 250 ҳазор гектар замин обёрӣ карда шудааст. Дар бораи фаъолияти пурсамари Абдукарим Қосимов дар «Ирригационная цивилизация» ном китоби доктори илмҳои таърих Ҳабибулло Холҷӯраев маълумот дода шудааст. Месазад, ки дар бораи корномаи чунин ашхоси некуном зиёдтар гӯему нависем, то насли имрӯз аз онҳо ибрат гирифта, дар пешравии ҷомеа саҳмгузор бошанд.

**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум»**

---

Ҳушдор

# ТАРИҚИ ДИНУ ОИН АЗ СИЯҲДИЛҲО МАҶӮ

**Имрӯз дар ҷаҳони муосир ҳар гуна равияву ҷараёнҳо ва иттиҳодияҳои гуногуни зиёде ба миён омадаанд, ки баҳри пиёда кардани ҳадафҳои нопоки худ аз таълимоти дини мубини ислом, ки дини сулҳовару инсонпарвар аст, суиистифода намуда, исломи нобро ба сиёсат омезиш дода, ба амалҳои террористиву экстремистӣ даст мезананд. Ҳол он ки дин ҳамчун оини муқаддасу пок набояд ба сиёсат вобаста ва ё омехта бошад. Асосҳои дини ислом фарзанди одамро ҳеҷ гоҳ ба роҳи бад ҳидоят накардааст. Набояд фаромӯш кард, ки ин дин ҳамеша ҷонибдори аз байн бурдани ихтилоф буда, покии зоҳиру ботинро тарғиб менамояд. Терроризм калимаи лотинӣ буда, маънои тарс, даҳшат ва бо роҳи зӯрӣ ба куштор даст заданро дорад. Ифротиён мехоҳанд бо дастгирии хоҷагони хориҷии худ ба ниятҳои нопок расанд ва аз оби гилолуд моҳӣ гиранд.**



Террористон бераҳм буда, хавфноктарин силоҳи онҳо худкушӣ аст. Онҳо чунон ҷоҳил, мутаассиб, золими хунхор, беимон ва беинсоф ҳастанд, ки дар байни анбуҳи одамон дар масҷидҳои ҷомеъ «Аллоҳу акбар» дар забон худро ба ҳалокат мерасонанд. Ин равияю гурӯҳҳои террористӣ имрӯз бо номи «Салафия», «Ваҳҳобия», «Ҳизб-ут-таҳрир-ал-исломӣ», «Ансоруллоҳ», «Ал-қоида», ҳаракати «Толибон», «Ҷабҳа-ан-нусра», «Бародарони мусулмон», гурӯҳи «Давлати исломӣ» ва амсоли инҳо, аз номи ислом фаъолият бурда, ба суботу амнияти минтақаҳои гуногун латма ворид месозанд. Онҳо ҳар лаҳза тайёранд ба амалҳои террористӣ даст зананд ва одамони бегуноҳро нишони «ҷиҳод»-и навбатӣ қарор диҳанд. Ҳол он ки беҳтарин ҷиҳод дар таълимоти ислом ҷиҳод ба нафс ва хизмати волидайн аст. Чуноне, ки шоир дар ҳаққи онҳо гуфта:

**Тариқи дину оин аз сияҳдилҳо**
**маҷӯ Бедил,**
**Вафо рафту мурувват мурду**
**бераҳмӣ таваллуд шуд.**

Нафрати кас ба тинати ин зумра ҳайвонҳои инсонбашара, ки худро мусулмони асил мепиндоранд, зиёд гардида, бовари кас намеояд, ки фарзанди одам ба чунин ваҳшоният даст занад, миллионҳо инсонро ба мисли ҳайвон сар бурад, зинда дар оташ сӯзонад, зинда ба зери хок гӯронад, шаҳру деҳот ва кишварҳои оламро ба харобазор табдил диҳад.

16-уми декабри соли 2014 ҷангиёни «Толибон» ба яке аз муассисаҳои таълимии шаҳри Пешовари Ҷумҳурии Исломии Покистон ҳамла карда, 148 нафар, аз ҷумла 122 кӯдакро ба қатл расониданд. Яке аз олимони шинохтаи олами ислом Муҳаммад Тоҳир-ал-Қадрӣ мегӯяд, ки «Назарияи дини ислом терроризмро маҳкум мекунад ва террористони худкушро огоҳ менамояд, ки онҳоро дӯзах интизор аст ва ҳаракати онҳо ҳеҷ гоҳ ҷиҳод ҳисобида намешавад».

Сарчашмаи ҳама ин нооромиҳо, кушторҳои пай дар пай дар мамлакатҳои исломӣ ҳамин гурӯҳу равияҳо мебошанд.

Мутафаккири бузург Носири Хусрав дар китоби «Ваҷҳи дин» он шахсонеро, ки аз дин манфиати шахсии худро ҷуста, динро ба мақсади носолимию нопокӣ истифода мебаранд, интиқод карда, менависад: «Ва ҳар кӣ ба муроди хеш андар дин сухан гуфт, ӯ деви ронда бувад». Ҳаким Фирдавсии Тӯсӣ ба ин маъно фармуда:

**Зиёни касон аз пайи суди хеш,**
**Биҷӯянду дин андар**
**оранд пеш.**

Мутаассифона, солҳои охир баъзе шахсони сода ва зудбовар фирефтаи суханони дурӯғини чунин бадхоҳону бадандешони миллат шуда, ба ҷараёнҳои ифротгаро ва гурӯҳҳои террористию равияҳои номатлуб пайвастани онҳо ба чашм мерасад, ки ин боиси ташвиш аст. Гурӯҳе аз ин ҷавонону наврасони ноогоҳ, ки қобилияти дарки ҳақиқии «Қуръон» ва маърифати инсониро надошта, аз таълимоти дини мубини ислом бехабаранд, зуд фирефтаи доми онҳо мешаванд.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин иброз доштанд: «Афзоиши ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ ва террористидошта ба вусъат ёфтани терроризми байналмилалӣ, фаъолшавии унсурҳои тундраву ифротгаро, ҷалби ҷавонон ба сафи созмонҳои экстремистиву террористӣ ва иштироки онҳо дар низоъҳои мусаллаҳонаи давлатҳои хориҷӣ мусоидат менамояд». Биноан, наврасони бонангу номус, ватандору дурандеши моро лозим аст, ки аз ҳар гуна корҳои ношоям ва шомил шудан ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои ифротиву террористӣ дурӣ ҷӯянд, фирефтаи суханони дурӯғини ин тоифа зархаридони беимон нашаванд ва муқобили ин гуна зуҳуроти номатлуб мубориза баранд.

**Муҳаммадшариф ШАРИФОВ,**
**сардори шуъбаи таълими Коллеҷи техникию омӯзгории ноҳияи Рӯдакӣ**

# МАРҲАБО БА ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАҲРИ ХУҶАНД!



**ШАРИФЗОДА**
**Муъмин Машокир,**
**доктори илмҳои иқтисод, профессор**




**ДОВТАЛАБОНИ ГИРОМӢ!**

Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд бо қарори Шӯрои вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 364 аз 5-уми августи соли 1993 таъсис шудааст.



Муассисаи таълимӣ фаъолияти таълимию тарбиявӣ ва илмиро тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зинаи таҳсилоти олии касбӣ ва дар асоси Иҷозатнома аз рӯи ихтисосҳои амалкунанда ва Шаҳодатномаи аккредитатсияи давлатӣ ва байналмилалӣ ба роҳ мондааст.

Донишгоҳ дорои ҳафт факултет - ҳуқуқшиносӣ, сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ, молия, бизнес ва идоракунӣ, баҳисобгирӣ ва андоз, инноватсия ва телекоммуникатсия, ҳамчунин факултети муштарак бо Донишкадаи молиявии Тошканд ва 29 кафедра буда, мутахассисонро аз рӯи 43 ихтисос дар самтҳои ҳуқуқшиносӣ, идоракунӣ, сиёсати дохиливу хориҷӣ ва иқтисоди ҷаҳонӣ, фаъолияти гумрукӣ, андоз, соҳибкорӣ, молия, системаи ахборӣ, информатика, системаҳои автоматикунонидашуда, веб-дизайн ва графикаи компютерӣ омода менамояд.



Теъдоди умумии донишҷӯёни донишгоҳ 7207 нафарро ташкил медиҳад, ки аз ин теъдод 4140 нафар дар шуъбаи рӯзона ва 3067 нафар дар шуъбаи фосилавӣ, аз ҷумла 624 нафар донишҷӯёни хориҷӣ, 116 нафар дар шуъбаи магистратура ва 7 нафар дар зинаи докторантура таҳсил доранд. Машғулиятҳо дар 60 гурӯҳи академӣ бо забони русӣ, 11 гурӯҳи академӣ бо забони англисӣ ва 2 гурӯҳи академӣ бо забони хитойӣ гузаронида мешавад.

Ба раванди таълиму тарбияи донишҷӯён 341 нафар омӯзгор, аз ҷумла 21 нафар доктори илм, профессор, 150 нафар номзади илм, дотсент, ҷалб гардиданд. Аз теъдоди умумии устодон 50,1 фоизашон дорои дараҷаи илмӣ мебошанд.




Дар донишгоҳ ба таҳкими заминаҳои моддию техникии раванди таълим ва пажӯҳишоти илмӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардида, барои таъмини раванди таълим бо адабиёту китобҳои дарсӣ, дастури таълимию методӣ ва воситаҳои техникии муосири таълим чораҳои зарурӣ роҳандозӣ менамоянд. Барои пешбурди раванди таълим дар донишгоҳ 1339 адад компютер, 95 ноутбук, 212 принтер, 160 УПС, 12 сканер, 193 проектор, 61 тахтаи электронӣ ва 201 камераи назоратӣ, 39 телевизор, 156 тахтаи синфӣ, 2984 курсӣ ва 1867 адад миз мавриди истифода қарор дорад.





Донишгоҳ дорои маҷмааи варзишии замонавӣ иборат аз ду ошёна бо 400 ҷойи нишаст бо фарогирии толор барои бозиҳои футболи хурд, волейбол, баскетбол, толори варзиши сабук, толор барои бозии шоҳмот ва тенниси рӯимизӣ муҷаҳҳаз бо лавозимоти варзишии муосир мебошад, ки барои боз ҳам беҳтар намудани машқу тамрини донишҷӯён ва тарғиби тарзи ҳаёти солим мусоидат менамояд. Китобхонаи илмии донишгоҳ дорои 53 334 адад адабиёт мебошад. Дар донишгоҳ, инчунин китобхонаи электронӣ мавҷуд мебошад, ки беш аз 130 ҳазор маводи илмиву таълимӣ-методӣ, бадеӣ ва маълумотдиҳандаро фаро гирифтааст.

Боиси ифтихор аст, ки аз рӯи рейтинги Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд дар қатори 10 муассисаи таҳсилоти олии касбии беҳтарини кишварамон ҷой гирифтааст.

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани донишҳои назариявии донишҷӯён шартномаҳои ҳамкории донишгоҳ бо 151 муассиса, аз қабили мақомоти идоракунии давлатӣ, сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ, корхонаҳои истеҳсолӣ, бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ, ширкатҳои мобилӣ ва дигар субъектҳои хоҷагӣ ба имзо расонида, донишҷӯён таҷрибаомӯзиашонро ҳар сол дар муассисаҳои мазкур мегузаронанд.

Донишгоҳ аъзои фаъоли Донишгоҳи Созмони ҳамкории Шанхай, Донишгоҳи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Лигаи донишгоҳҳои Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва Ассотсиатсияи донишгоҳҳои Авру-Осиё ба ҳисоб рафта, бо 84 муассисаи бонуфузи таҳсилоти олии касбии хориҷи кишвар, марказҳои илмӣ, созмонҳои байналмилалӣ, барномаҳои Иттиҳоди Аврупо, Темпус, Эразмус Мундус, Эразмус+ ва дигар барномаҳои грантӣ ҳамкориҳоро дар самти табодули устодони варзида, ҷалби магистрҳо, докторантон ва унвонҷӯён ба таҳсил ва ҳимояи рисолаҳои илмӣ ва ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ гардонидани сифати таҳсилот ба роҳ мондааст.

Дар доираи бурсияи ҷудогардидаи магистратураи ДСҲШ ду нафар магистрантон дар соли хониши 2021-2022 ба магистратураи Донишгоҳи «Нархоз» сафарбар шуданд. Ҳамзамон, се нафар донишҷӯён аз Донишгоҳи забоншиносии Нижний Новгороди Федератсияи Россия Арина Краюшкина, Валерия Вадимовна ва Валерия Пушкарева давраи таҷрибаомӯзиро дар донишгоҳ сипарӣ намуданд.

Соли 2022 бо истифода аз имкониятҳои муосири таълим, дар донишгоҳ аввалин маротиба табодули лексияҳои устодон тариқи маҷозӣ бо устодони донишгоҳҳои олии кишварҳои хориҷа ба роҳ монда шуд. Аз ҷумла, дар ин давра устодони донишгоҳ барои донишҷӯёни донишгоҳҳои Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон 9 лексия хонданд ва донишҷӯёни донишгоҳ дар 7 лексияи устодон - иқтисодшиносони Федератсияи Россия иштирок намуданд.

Дар донишгоҳ донишҷӯёни эҳтиёҷманд, аз ҷумла ятимони кулл, аз пардохти маблағи таҳсил озод буда, дар арафаи иду айём бо кумаки яквақтаи пулӣ таъмин мешаванд. Донишҷӯёни мазкур, инчунин имкон доранд тариқи ройгон ҳар вақте хоҳанд, дар ошхонаи донишгоҳ хӯрок истеъмол намоянд.

Раёсати донишгоҳ ҷиҳати татбиқи сиёсати давлатӣ ва дастгирии ҷавонон соли 2022 ба ғолибони озмунҳои «Тоҷикистон - Ватани азизи ман», «Расми беҳтарин», «Ояндаи ҷомеа дар дасти туст», «Донишҷӯ ва пешрафти илмиву техникӣ», «Бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф», «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм – фурӯғи маърифат» барои пардохти стипендияи раёсати донишгоҳ 27 ҳазору 885 сомонӣ маблағ ҷудо намуд.

Боиси ифтихор аст, ки сол то сол теъдоди гирандагони стипендияҳои номӣ зиёд гардида, айни ҳол теъдоди гирандагони стипендияи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як нафар, стипендияи раиси вилояти Суғд - 25, стипендияи раиси шаҳри Хуҷанд - 4, стипендияи раёсати донишгоҳ 78 нафарро ташкил медиҳад.

Натиҷаи дастгириву шароити муҳайёгардида буд, ки донишҷӯён ҳар сол дар озмуну олимпиадаҳои вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намуда, сазовори ҷойҳои ифтихорӣ мегарданд. Аз ҷумла, соли 2022 дар даври вилоятии озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» донишҷӯён Шамсия Мадалиева ва Шабнам Фатҳуллозода ғолибият ба даст оварда, дар даври ҷумҳуриявӣ сазовори Ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гардиданд. Дар даври шаҳрии озмуни ҷумҳуриявии «Илм - фурӯғи маърифат» чор нафар донишҷӯи донишгоҳ сазовори ҷойҳои дуюм, сеюм ва ду нафар донишҷӯ дар даври вилоятӣ сазовори ҷойи сеюм гардида, дар даври ҷумҳуриявӣ донишҷӯ Абдуҳафиз Шамсиев сазовори Ифтихорномаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон гардид. Дар озмуни вилоятии «Ихтироъкорон ва навоварони ҷавони вилояти Суғд-2022» Қосимов Далер - мудири озмоишгоҳи инноватсионии донишгоҳ сазовори ҷойи сеюм гардид.

Дар озмуни ҷумҳуриявии «Донишҷӯ ва пешрафти илмию техникӣ дар соли 2022» донишҷӯён Парвина Дадобоева ва Моҳпарӣ Дарвешова сазовори дипломи дараҷаи 1, Холидаи Ниёздухт сазовори дипломи дараҷаи 2, Аҳмадҷон Абдуғафоров ва Нӯъмон Масаидов сазовори Ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гардиданд. Дар олимпиадаҳои байналмилалӣ, донишҷӯён Аминҷон Ахмедов аз фанни «Графикаи компютерӣ» сазовори ҷойи якум, Шукрона Дадобоева аз фанни «Информатика», Озодҷон Каримов аз фанни «Асосҳои назариявии информатикӣ», Ризвон Имомов аз фанни «Асосҳои алгоритми барномасозӣ», Гулноза Ҳасанова аз фанни «Информатика», Юлдуз Самадзода аз фанни «Системаҳои оператсионӣ» сазовори ҷойи сеюм гардиданд.

Дар олимпиадаи ҷумҳуриявии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон зери унвони «Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст...» донишҷӯён Меҳрдод Абдураҳмонзода аз фанни забони англисӣ сазовори ҷойи дуюм ва Темурмалик Худойбердиев аз фанни назарияи иқтисодӣ сазовори ҷойи сеюм гардиданд.

Соли гузашта донишҷӯёни мо - Абдумалик Абдуллоев дар мусобиқаи байналмилалӣ оид ба вазнбардорӣ сазовори ҷойи якум, Нодира Шаропова дар мусобиқаи байналмилалӣ оид ба кингбоксинг сазовори ҷойи якум, Шаҳбоз Ҳаитов дар чемпионатҳои ҷаҳон ва Осиё аз рӯи намуди бокс сазовори ҷойи дуюм, Нигина Ботурова дар мусобиқаи ҷумҳуриявӣ аз рӯи намуди варзиши сабук сазовори ҷойи якум, Довуд Маҳкамов дар мусобиқаи байналмилалӣ аз рӯи намуди бокс сазовори ҷойи сеюм, Тоштемир Назаров дар мусобиқаи ҷумҳуриявӣ аз рӯи намуди Ушу сазовори ҷойи якум гардиданд.

Боиси ифтихори мо аст, ки дар раванди корҳои созандагӣ ва таҷлили ҷашни бошукӯҳи 30-солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бинои Маркази таҳсилоти рақамии донишгоҳ 15-уми ноябри соли 2022 бо иштироки бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо шароити зарурии муосир ҷиҳати пешбурди раванди таълиму тарбия мавриди истифода қарор ёфт.

Дар бинои мазкур шароити мусоид барои баргузории машғулиятҳои лексионӣ, амалӣ, барои донишҷӯёни риштаи молияву бонкдорӣ дарсҳои таҷрибаомӯзӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ усулҳои муосири омӯзиши забонҳои англисӣ, хитойӣ, немисӣ ва арабӣ, барои гузаронидани корҳои амалӣ бо истифода аз дастгоҳу таҷҳизоти муосири соҳа лабораторияи криминалистӣ, сабти барномаҳои донишгоҳӣ фароҳам оварда шудааст.

Ҳоло бунёд ва азнавсозии иншооти сохтмонаш нотамоми маҷлисгоҳ барои 800 ҷойи нишаст идома дошта, ҳамзамон, раёсати донишгоҳ сохтмони хобгоҳи замонавиро низ барои донишҷӯён ба нақша гирифтааст.

Ҳамин тариқ, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд дар тӯли 30 соли фаъолияташ зиёда аз 18 ҳазор мутахассисони соҳибтахассус ва ҷавобгӯй ба талаботи бозори меҳнатро омода намуда, бо ифтихор метавон гуфт, ки хатмкардагони донишгоҳ имрӯз дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи мамлакат ва берун аз он ба ҳайси роҳбарону мутахассисон дар тамоми вазорату кумитаҳои давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, раисони шаҳру ноҳияҳо, намояндагони ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ, сохторҳои молиявӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ ва соҳибкорони муваффақ фаъолияти босамар доранд.

Дар ҳошияи дастуру супоришҳои дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикргардида ҳайати профессорону устодон ва кормандони донишгоҳ баҳри баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, мутобиқ намудани раванди таълим ба меъёрҳои байналмилалӣ, назорати ҷиддӣ ва доимӣ дар самти донишазхудкунии донишҷӯён, ҷалби ҷавонон ба китобхониву забономӯзӣ, омӯзиш ва ҷорӣ намудани навоварию ихтироот, ташкили таҷрибаҳои инноватсионӣ ва дар руҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ тарбия намудани ҷавонон ҳамеша ҷидду ҷаҳд менамоянд.

| Р/Т | РАМЗИ ИХТИСОС | НОМГӮЙИ ИХТИСОСҲО | НАМУДИ ТАҲСИЛ |
|---|---|---|---|
| **КЛАСТЕРИ 1 - «ТАБИӢ ВА ТЕХНИКӢ»** | | | |
| 1 | 1-310304-08 | WEB-дизайн дар графикаи компютерӣ | Рӯзона |
| 2 | 1-310304 | Информатика | Рӯзона |
| 3 | 1-400101-02 | Системаҳои автоматикунонидашуда | Рӯзона/ Фосилавӣ |
| 4 | 1-450101-03 | Технологияи иттилоотию идоракунии телекоммуникатсионӣ | Рӯзона/ Фосилавӣ |
| 5 | 1-020503-02 | Математика. Информатика | Рӯзона/ Фосилавӣ |
| 6 | 1-450101 | Системаҳои бисёршабакавии телекоммуникатсионӣ | Рӯзона |
| **КЛАСТЕРИ 2 - «ИҚТИСОДӢ ВА ГЕОГРАФИЯ»** | | | |
| 1 | 1-400102-02 | Технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисодиёт) | Рӯзона |
| 2 | 1-400102-0201 | Технологияи иттилоотии ҳисоби бухгалтерӣ | Рӯзона |
| 3 | 1-250101 | Назарияи иқтисодиёт (омӯзгори фанҳои иқтисодӣ) | Рӯзона |
| 4 | 1-250102 | Иқтисодиёт | Рӯзона |
| 5 | 1-250103 | Иқтисодиёти ҷаҳонӣ | Рӯзона/ Фосилавӣ |
| 6 | 1-250104 | Молия ва қарз | Рӯзона/ Фосилавӣ |
| 7 | 1-250104-02 | Кори бонкӣ | Рӯзона/ Фосилавӣ |
| 8 | 1-250104-03 | Андоз ва андозбандӣ | Рӯзона/ Фосилавӣ |
| 9 | 1-250105 | Омор | Рӯзона |
| 10 | 1-250107 | Иқтисодиёт ва идора дар корхона | Рӯзона/ Фосилавӣ |
| 11 | 1-250108 | Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит | Рӯзона/ Фосилавӣ |
| 12 | 1-250111 | Аудит ва ревизия | Рӯзона/ Фосилавӣ |
| 13 | 1-260101 | Идораи давлатӣ | Рӯзона/ Фосилавӣ |
| 14 | 1-260203-23 | Логистика | Рӯзона |
| 15 | 1-260202 | Менеҷмент | Рӯзона |
| 16 | 1-260203 | Маркетинг | Рӯзона/ Фосилавӣ |
| 17 | 1-960101 | Хадамоти гумрукӣ | Рӯзона/ Фосилавӣ |
| 18 | 1-26020110 | Соҳибкории иҷтимоӣ | Рӯзона |
| 19 | 1-2501073001 | Иқтисодиёти рақамӣ | Рӯзона |
| 20 | 1-260203-09 | Маркетинг дар комплекси агросаноатӣ | Рӯзона |
| 21 | 1-250104(60410400) | Молия ва қарз (ихтисоси мушт. Тоҷикистону Ӯзбекистон) | Рӯзона |
| 22 | 1-25010402(60410500) | Кори бонкӣ (ихтисоси мушт. Тоҷикистону Ӯзбекистон) | Рӯзона |
| **КЛАСТЕРИ 3 - «ФИЛОЛОГИЯ, ПЕДАГОГИКА ВА САНЪАТ»** | | | |
| 1 | 1-230102-02 | Таъминоти забонии робитаҳои байнифарҳангӣ (сайёҳии байналмилалӣ) | Рӯзона/ Фосилавӣ |
| 2 | 1-230102-04 | Таъминоти забонии робитаҳои байнифарҳангӣ (муносибатҳои сиёсии берунӣ) | Рӯзона |
| 3 | 1-230102-05 | Таъминоти забонии робитаҳои байнифарҳангӣ (муносибатҳои сиёсии берунӣ) | Рӯзона |
| 4 | 1-020306 | Забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) | Рӯзона |
| **КЛАСТЕРИ 4 - «ҶОМЕАШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚ»** | | | |
| 1 | 1-230101 | Муносибатҳои байналмилалӣ (дипломатия) | Рӯзона |
| 2 | 1-230106-02 | Сиёсатшиносӣ (фаъолияти илмӣ - педагогӣ) | Рӯзона/ Фосилавӣ |
| 3 | 1-230106-01 | Сиёсатшиносӣ (фаъолияти сиёсӣ-ҳуқуқӣ) | Рӯзона |
| 4 | 1-240101 | Ҳуқуқи байналмилалӣ | Рӯзона/ Фосилавӣ |
| 5 | 1-240102 | Ҳуқуқшиносӣ | Рӯзона/ Фосилавӣ |
| 6 | 1-240103 | Ҳуқуқи иқтисодӣ | Рӯзона |
| 7 | 1-260102 | Идораи давлатӣ ва ҳуқуқ | Рӯзона |
| 8 | 1-930101 | Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ | Рӯзона |
| 9 | 1-930102 | Санҷиши судӣ | Рӯзона |
| 10 | 1-020102-05 | Таърих. Диншиносӣ | Рӯзона |
| 11 | 1-020102 | Таърих. Ихтисоси иловагӣ (омӯзгори асосҳои давлат ва ҳуқуқ) | Рӯзона/Фосилавӣ |



**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 414040 | Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | Таъмири Институти математика, Институти забон ва адабиёт, Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 20.03.2023 15:45:00 |
| 2 | 414036 | Муассисаи давлатии «Идораи хоҷагии роҳҳои автомобилгарди минтақаи Рашт» | Корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар км 225-уми роҳи автомобилгарди Ваҳдат-Рашт-Лахш | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 31.03.2023 15:15:21 |
| 3 | 414038 | Муассисаи давлатии «Мудирияти минтақаи зериобшавандаи НБО-и Роғун» | Сохтмони хатҳои дохилӣ ва берунаи интиқоли барқ дар маҳаллаи 7-уми шаҳраки Дарбанд, ноҳияи Нуробод (гузаранда) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 31.03.2023 15:30:00 |
| 4 | 414044 | Шуъбаи сохтмони асосии шаҳри Турсунзода | Битуми роҳ, тамғаи МГ 70/130 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 31.03.2023 16:10:00 |
| 5 | 414045 | Шуъбаи маорифи шаҳри Панҷакент | Асбобу анҷоми лабораторӣ ва хониш, таҷҳизоти лабораторӣ, таҷҳизоти идоравӣ ва асбобҳои мусиқӣ барои эҳтиёҷоти шуъбаи маорифи шаҳри Панҷакент | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 399 | 31.03.2023 17:30:00 |
| 6 | 414046 | Корхонаи фаръии давлатии «Ниҳолпарварӣ ва кабудизоркунӣ»-и шаҳри Бохтар | Ниҳоли гулҳо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 8 | 31.03.2023 17:30:45 |
| 7 | 414048 | Корхонаи фаръии давлатии «Ниҳолпарварӣ ва кабудизоркунӣ»-и шаҳри Бохтар | Дарахтҳои ороишӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 31.03.2023 17:35:55 |
| 8 | 414047 | Муассисаи давлатии «Мудирияти корхонаҳои сохташудаистода»-и Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Азнавсозии роҳи автомобилгарди осоишгоҳи Шоҳамбарӣ (бунёди болопӯш, ғафсии 6 см аз маҳлули гарми асфалтубетон дар ҳаҷми 7410 м²) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 31.03.2023 17:40:00 |
| 9 | 414050 | Муассисаи давлатии «Мудирияти корхонаҳои сохташудаистода»-и Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Барқарорсозии р/а наздисарҳадии Чуск, Баҳорак, Боғ, Ёл, Дашти Ҷум, Лангар ва Ҳазрати Эмомалии ноҳияи Ш.Шоҳин (ноҳияи Шӯрообод) вилояти Хатлон (минтақаи №4 Шӯробдара - Чуск) (ЛОТ-2) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 31.03.2023 17:50:00 |
| 10 | 414049 | Беморхонаи марказии ноҳияи Ёвон | Молҳои хоҷагидорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 31.03.2023 17:50:15 |
| 11 | 414052 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №1-и ноҳияи Ёвон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 40 | 31.03.2023 17:55:10 |
| 12 | 414054 | Беморхонаи марказии ноҳияи Ёвон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 19 | 31.03.2023 18:05:50 |
| 13 | 414081 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №15-и шаҳри Конибодом | Корҳои таъмир дар Муассисаи давлатии таълими томактабии №15-и шаҳри Конибодом | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 3.04.2023 09:11:11 |
| 14 | 414083 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб | Таъмири асосии манзили истиқоматии шаҳрванд Шамсова Гулнисо дар кӯчаи С.Сангов, утоқи 28 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 3.04.2023 09:51:50 |
| 15 | 414084 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб | Таъмири асосии манзили истиқоматӣ дар хиёбони И.Сомонӣ - 28, утоқи 9 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 3.04.2023 10:05:48 |
| 16 | 414086 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №50-и ноҳияи Сино | Таъмири ҷории биноии Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №50-и ноҳияи Сино | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 3.04.2023 10:20:00 |
| 17 | 414087 | Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» | Картҳои пластикӣ ва лентаҳо барои чопи ранга | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 3.04.2023 10:40:00 |
| 18 | 414043 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маводи мулоим | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 3.04.2023 10:58:30 |
| 19 | 414042 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 3.04.2023 10:59:20 |
| 20 | 414041 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сӯзишвории дизелӣ ва бензин | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 3.04.2023 11:00:51 |
| 21 | 414089 | Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷикаэронавигатсия» | Ҳуқуқи истифодаи программа барои ЭВМ шлюзи амниятӣ Ideco UTM - 200 Users, бо як соли дастгирии техникии барномаҳои - Windows Server 2022 Standard - 16 Core License Pack. -Windows Server 2022 - 1 User CAL. | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 3.04.2023 11:35:00 |
| 22 | 414090 | Шуъбаи фарҳанги Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Панҷакент | Хизматрасониҳои радио ва телевизион барои сабт, танзим ва пахши барномаҳо, ҳамагӣ 14 барнома | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 3.04.2023 12:00:00 |
| 23 | 414088 | Муассисаи давлатии «Идораи хоҷагии роҳҳои автомобилгарди минтақаи Рашт» | Барқарорсозии деворҳои гирду атроф ва таъмири ҷории биноии Муассисаи давлатии «Идораи хоҷагии роҳҳои автомобилгарди минтақаи Рашт» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 3.04.2023 13:00:57 |
| 24 | 414060 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Хизматрасонӣ оид ба қабули меҳмонон ва ташкили таоми нисфирӯзӣ барои 1005 нафар дар ҳудуди ноҳияи Б.Ғафуров | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 3.04.2023 13:05:05 |
| 25 | 414061 | Раёсати фарҳанги вилояти Суғд | Насбкунии LED-экранҳои калонҳаҷм, сохтани видеороликҳо ва баиҷорагирии таҷҳизоти равшанидиҳанда, тақвияти овоз, фавворaи сунъӣ, фермаи алюминӣ ва хизматрасонии мутахассисон барои гузаронидани Иди байналмилалии Наврӯз-2023 дар варзишгоҳи 20-солагии Истиқлолияти Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 3.04.2023 13:05:05 |
| 26 | 414062 | Раёсати фарҳанги вилояти Суғд | Масолеҳи сохтмон, электрикӣ ва матои баннер барои омода намудан ва ороиши саҳна барои баргузории Иди байналмилалии Наврӯз-2023 ва барномаи консертию фарҳангӣ дар варзишгоҳи 20-солагии Истиқлолияти Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 24 | 3.04.2023 13:05:05 |
| 27 | 414063 | Раёсати фарҳанги вилояти Суғд | Маҷмӯи лавозимоти ошхона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 3.04.2023 13:05:05 |
| 28 | 414064 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Кӯдакистони Парасту»-и шаҳри Гулистон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 3.04.2023 13:05:05 |
| 29 | 414065 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Кӯдакистони Парасту»-и шаҳри Гулистон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 28 | 3.04.2023 13:05:05 |
| 30 | 414066 | Беморхонаи марказии шаҳри Истаравшан | Таъмири системаи гармидиҳии шуъбаи таваллудхонаи беморхонаи марказии шаҳри Истаравшан | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 3.04.2023 13:05:05 |
| 31 | 414067 | Мақомоти муассисаҳои сохташавандаи Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Б. Ғафуров | Васлу насби саҳнаи оҳанин дар Муассисаи давлатии «Боғи миллии Ваҳдат»-и ноҳияи Б.Ғафуров | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 3.04.2023 13:05:05 |
| 32 | 414068 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Хизматрасонӣ оид ба қабули меҳмонон ва ташкили таоми нисфирӯзӣ барои 165 нафар дар ҳудуди шаҳри Хуҷанд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 3.04.2023 13:05:05 |
| 33 | 414069 | Раёсати фарҳанги вилояти Суғд | Омода намудан ва ороиши саҳна барои баргузории Иди байналмилалии Наврӯз-2023 ва барномаи консертию фарҳангӣ дар варзишгоҳи 20-солагии Истиқлолияти Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 3.04.2023 13:05:05 |
| 34 | 414093 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №64-и ноҳияи Шоҳмансур» | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 3.04.2023 14:20:52 |
| 35 | 414037 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории шуъбаи нефрология ва гемодиализи МД «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Шифобахш» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 3.04.2023 15:00:00 |
| 36 | 414094 | Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (славянии) Россия -Тоҷикистон | Молҳои канселярӣ, катриҷҳо, телефонҳо ва флешкаҳо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 32 | 3.04.2023 15:00:00 |
| 37 | 414070 | Корхонаи давлатии коммуналии «Шуъбаи сохтмони асосӣ»-и шаҳри Бӯстон | Таъмири биноии муассисаи таҳсилоти томактабии №13-и шаҳри Бӯстон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 3.04.2023 16:45:45 |
| 38 | 414071 | Литсейи касбии техникии ноҳияи Зафаробод | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 15 | 3.04.2023 16:45:45 |
| 39 | 414072 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони қасри фарҳанг дар маркази шаҳри Истаравшан (идомаи корҳои сохтмонӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 3.04.2023 16:45:45 |
| 40 | 414073 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи физиотерапевтии ҷумҳуриявии ба номи Нурматов»-и шаҳри Хуҷанд | Таъмири куллии шуъбаи офият ва толори варзиш дар Муассисаи давлатии «Беморхонаи физиотерапевтии ҷумҳуриявии ба номи Нурматови шаҳри Хуҷанд» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 3.04.2023 16:45:45 |
| 41 | 414074 | Раёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии вилояти Суғд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 11 | 3.04.2023 16:45:45 |
| 42 | 414075 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» | Мебелҳо, табақҳо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 17 | 3.04.2023 16:45:45 |
| 43 | 414076 | Беморхонаи клиникавии №1-уми шаҳри Хуҷанд | Рентгенплёнка | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 3.04.2023 16:45:45 |
| 44 | 414077 | Бахши кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Хуҷанд | Медал, ҷом, сервиз, тӯб ва тахтаи шоҳмот | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 10 | 3.04.2023 16:45:45 |
| 45 | 414078 | Филиали Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии хун» дар шаҳри Хуҷанд | Маводи ташхисӣ, халтаҳои хунгирӣ ва маводи масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 24 | 3.04.2023 16:45:45 |
| 46 | 414079 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №37»-и шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 36 | 3.04.2023 16:45:45 |
| 47 | 414080 | Муассисаи давлатии таълими томактабии № 9-и шаҳри Гулистон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 23 | 3.04.2023 16:45:45 |
| 48 | 414091 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансур | Клапанҳои электромагнитӣ, сипарҳои барқӣ, насосҳои обӣ, муҳаррикҳои барқӣ, чароғҳо, кабелҳо, табдилдиҳандаҳои басомадӣ, сенсорҳои иттилоотӣ, қубурҳои пластикӣ, маҳсулоти сантехникӣ, системаи блок, стабилизатор барои соат | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 99 | 3.04.2023 16:46:46 |
| 49 | 414055 | Муассисаи томактабии №5-и шаҳри Хоруғ | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 38 | 3.04.2023 17:00:00 |
| 50 | 414058 | Муассисаи таълимии давлатии «Мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат» дар шаҳри Хоруғи ВМКБ | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 68 | 3.04.2023 17:00:00 |
| 51 | 414059 | Муассисаи томактабии кӯдакистони №6-и шаҳри Хоруғ | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 30 | 3.04.2023 17:00:00 |
| 52 | 414082 | Муассисаи давлатии «Идораи хоҷагии роҳҳои автомобилгарди минтақаи Рашт» | Таъмири ҷории роҳи автомобилгарди Янгишаҳр-Ёрмазор-Тандиқул (км 0+400, 350 метр) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 3.04.2023 18:00:24 |
| 53 | 414085 | Муассисаи давлатии «Идораи хоҷагии роҳҳои автомобилгарди минтақаи Рашт» | Тоза намудани зери пули роҳи автомобилгарди Лабиҷар-Сангвор (км 0+500) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 5.04.2023 17:00:58 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

## ЭЪЛОН!

КВД оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ хабар медиҳад, ки музоядаҳои рақамҳои 8 ва 9 оид ба фурӯши нақлиёти қаблан дар истифодабуда ва музоядаи №9 оид ба фурӯши амволи ҳабсгардида, ки санаи баргузориашон 20-уми марти соли 2023 таъин гардида буд, ба 29-уми марти соли 2023 тағйир дода шуданд.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Аттестати силсилаи П №537718-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №34-и ноҳияи Қубодиён соли 1978 ба Комилов Ҳотамхон додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи П №537728-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №34-и ноҳияи Қубодиён соли 1978 ба Сулаймонова Роҳила додааст, эътибор надорад.

✓ Ҳуҷҷатҳои гумшудаи таъсисёбии Хазинаи ҷумҳуриявии маъюбони «Чернобил»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибор надоранд.

✓ Дастгоҳи назорати хазинавии гумшудаи соҳибкори инфиродӣ Қаноатов Роҳбар (РМА 045706300) эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, гузаргоҳи 13-уми кӯчаи Қаҳҳоров, бинои 5, квартираи 9 ба Кабирова Моҳира Нуровна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе соли 2021 ба Алиҷони Муҳаммадназар додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшуда, ки онро ШВКД дар шаҳри Норак соли 2022 ба Рамазонов Милло додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Коллеҷи тиббии ноҳияи Рӯдакӣ соли 2020 ба Давлатов Шамсиддин Бобоҷонович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии хоҷагии деҳқонии «Ҳоҷи Мирзо» бо РЯМ №3130027111-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Хуросон додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-уми шаҳри Кӯлоб соли 1981 ба Шарипова Дастагул Баротовна додааст, эътибор надорад.

✓ Ҳуҷҷатҳои таъсисии (Иқтибос)-и гумшудаи Филиали Ассотсиатсияи байналмилалии партнёрҳо дар соҳаи авиатсия ва технологияҳои коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 3-юми июни соли 2016, таҳти №172 ф/н дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қайди баҳисобгирии давлатӣ гузаронида шудааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи силсилаи А № 7552786-и гумшуда, ки онро ШВКД дар шаҳри Кӯлоб 1-уми августи соли 2013 ба Одинаев Нуроншо Қадамшоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба моликияти гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Файзобод бо суроғаи ноҳияи Файзобод, Ҷамоати деҳоти Меҳробод, деҳаи Меҳробод ба роҳбари ҶДММ «Шарбати Файзобод» Мирзоев Туғрал Искандарович додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе соли 2018 ба Қаландарова Гулсун (РЯМ 0331238142) додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т-АТУ № 0336312-и гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №3-юми ноҳияи Нуробод соли 2016 ба Саидшоев Амриддин Сайдаҳмадович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродии гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Фархор 14-уми июли соли 2010 ба Ғафоров Каримҷон Ҳабибулоевич (РЯМ 2030012518) додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов соли 2020 ба Маманазаров Билол Маъмурҷонович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи силсилаи А № 00345427-и гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе 2-юми декабри соли 2015 ба Ҳаёева Меҳрангис Баҳодуровна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи силсилаи А3341336-и гумшуда, ки онро ШММ-и Пахтаободи ШВКД дар шаҳри Турсунзода 20-уми августи соли 2004 ба Худойбердиева Баҳрихол Абдуллоевна додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 14-уми ноябри соли 2016 бо РЯМ 1230157904 ба Даминов Гулямкадирь Ғаниҷонович додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Хазинаи ҷумҳуриявии маъюбони «Чернобил»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 15-уми апрели соли 2004 таҳти №1350 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ширкати сармоягузории Ҳиндустон» (РМА 120044305) фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Ташкилоти ҷамъиятии «Ҳамкорӣ баҳри рушди ҷамъият», ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 8-уми апрели соли 2015 таҳти рақами 1659 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Абдухолиқ Мирзоев, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд - 92-773-28-76, 92-771-76-72, водии Зарафшон - 93-535-06-66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17, НТМ - 000-03-03-80.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 15 марти соли 2023, соати 18:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр - 35540 нусха*

Навбатдорони шумора С. Суннатӣ, Ш. Атобуллоев ва Ш. Абдулвоҳидова

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ - 97